Убайд Раҷаб

# ОЛУЧА – ГУЛИ БОДОМ...



Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

# ОЛУЧА – ГУЛИ БОДОМ…

Душанбе
«Адиб»
2012

ББК 84 Тоҷик 7-4
Р-48

Мураттиб *Ҷӯра ҲОШИМӢ*

Муҳаррир *Зиё АБДУЛЛО*

Р-48 **Убайд Раҷаб. Олуча – гули бодом...** (шеъру чистон ва қиссаву достон). – Душанбе, «Адиб», 2012, 184 саҳ.

Агар шоири маҳбуби мо Убайд Раҷаб зинда мебуд, 15 майи ҳамин сол 80-сола мешуд. Ин китоб ба шарафи ҳамин санаи муҳими адабӣ чоп мешавад, ки албатта барои хонандагони хурдсолу наврас тӯҳфаи нозанину рангин аст.

ISBN 978-99947-2-202-0

© Убайд Раҷаб, 2012

## БА ЭЪТИБОРИ ХОНАНДА

Китоберо ба даст гирифтаӣ, ки маҷмӯаи шеъру чистон ва қиссаву достон аст. Гулчини асарҳои шоирест, ки ба бачаҳо меҳру муҳаббати беандоза дошт. Онҳоро дӯстони самимии худ мешумурд. Ин меҳру муҳаббати самимӣ ӯро ҳамвора ба дидору сӯҳбати бачаҳо мебурд. Дӯст медошт, ки бо хонандагони хурдсоли худ, хусусан бо бачаҳои доно ва шеърфаҳму шеърдон, вохӯрад, бо онҳо сӯҳбат орояд, барояшон шеър хонад. Вай дар чунин вохӯриву сӯҳбатҳо ҳолу аҳволи бачаҳоро мепурсид, аз орзую умед ва мураду мақсадашон огоҳ мешуд. Шеърҳои хонандагону шунавандагонашро ҳам бо майли том мешунид, бо эътибори ҷиддӣ мутолиа мекард. Маънӣ мегуфту маслиҳат медод. Аз дидору гуфтору рафтори некашон ба шавқ меомад. Илҳом мегирифт, рӯҳу равони тоза меёфт. Барояшон шеърҳои нав менавишт. Шеърҳои навинаш аз шеърҳои пешинаш беҳтару хубтар рӯйи коғаз меомаданд. Аммо шеърҳои пешинашро фаромӯш намекард. Ҳамеша дар пайи он буд, ки навиштаҳои пешинаш монанди шеърҳои навинаш хонотару зеботар бошанд. Бачаҳо онҳоро осонтару равонтар хонанд ва ин шеърҳо дар дилу ёди хонандагонаш монанд. Бинобар ин аксари китобҳояш бо шеърҳои навин ва, албатта, бо таҳриру такмили шеърҳои пешинаш нашр мешуданд. Вай ҳатто дар хусуси хушоҳангии ному насабаш андеша мекард.

Солҳои охир шоир ба номи муборaки худ як «и»-и изофӣ илова мекард ва ному насабашро дар боло ё поёни асарҳояш бо шакли Убайди Раҷаб ба чоп месупурд. Мегуфт, ки хондану гуфтани Убайд

Раҷаб барои бачаҳо душвор аст. Се ҳарфи ҳамсадо паси ҳам омада, талаффузро мушкил мекунад.

Бо изофаи як ҳарфи «и», навиштанаш андак душвортар гардад ҳам, хондану гуфтанаш осонтар мешавад: Убайди Раҷаб! «Ному насаби тоҷикӣ аслан ҳамин хел аст!» – бо табассуми малеҳе таъкид мекард ӯ.

Аҷаб шоире ва аҷабтар инсоне буд устод Убайди Раҷаб. Сохтори китобҳояш ҳам хусусиятҳои худро дошт. Одатан китобҳояшро дар се бахш омода мекард: шеър, чистон ва қиссаву достон. Баъзан шумори ин бахшҳо ба чор мерасид: шеър, чистон, қисса, достон.

Ҳамаи шеъру чистон ва қиссаву достонҳояш манзум буданд, шеър буданд. Аммо ӯ ин бахшҳоро чун муаллифони дигар аз рӯйи мазмуну мундариҷа не, балки аз рӯйи ҳаҷму сохтор дуруст мекард. Дар бахши «Шеър»-и китобаш жанрҳои хеле гуногуни шеър, вале кӯтоҳ-кӯтоҳ ё андаке дарозтарро меовард. Дар бахши «Чистон» табиист, ки чистонҳои манзум ҷой мегирифтанд. Дар бахши «Қисса» шеърҳои нисбатан дарозро пай мечид. Бахши «Достон» шеърҳои боз ҳам дарозтар, яъне асарҳои калонҳаҷмро ташкил медод. Бахшҳоро ҳам чунин сарлавҳагузорӣ мекард: шеър, чистон, қисса, достон.

Худи устод Убайди Раҷаб одами ҷаҳонгашта, пурдидаву пуршунида, пурхону пурдон буд, шояд аз ҳамин ҷиҳат бошад, ки адиби пуркору пурмаҳсул ба шумор мерафт. Гӯяндаи бомаҳорат ҳам буд. Дар бораи хонда ва дидаву шунидаҳояш бо ҳавсала ва шавқовар сӯҳбат мекард. Бо ҳама муносибату муомилаи самимонаву хайрхоҳона дошт. Адибони бачаҳо ва ҳамаи онҳоеро, ки бо бачаҳо сари кор доштанд, ҳамқисмату амкорони худ

мешумурд, иззату эҳтиромашонро ба ҷой меовард. Бо бисёр адибони ҷумҳуриҳои дуру наздик бародархондагӣ, рафту омад ва ҳамкории эҷодӣ дошт. Дигарон ҳам ӯро самимона дӯст медоштанд. Ҳам эҷодиёташро дӯст медоштанд, ҳам шахсияташро.

Устод Убайди Раҷаб барои шеърҳои ширину рангинаш ба Ҷоизаи ҷавонони ҷумҳурӣ, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Мукофоти байналмилалии ба номи Андерсен, бо унвонҳои баланди Корманди шоистаи Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон ва бисёри дигар мукофотҳои давлативу соҳавӣ мушарраф шуда буд. Агар барои одамгариву одамони нағз мукофоту ҷоизаҳо мебуданд, шоири мо бо одамгарии баланди хеш ба дарёфти олитарини ин мукофоту ҷоизаҳо муяссар мешуд. Зеро чунон ки зикр шуд, Убайди Раҷаб баробари шоири нағз буданаш одами бисёр нағз буд, инсони комил буд.

Агар шоири маҳбуби мо барҳаёт мебуд, 15 майи ҳамин сол 80-сола мешуд. Ин китоб ба шарафи ҳамин санаи муҳими адабӣ нашр мешавад ва нахустин китобест, ки баъди даргузашташ (11 августи соли 2004) баъди бо дасти мухлисону иродатмандонаш омодаи чоп шудааст. Мо шоири маҳбуби худро ба некӣ ёд кардем ва бикӯшидем, ки ин китобаш ҳам монанди он китобҳояш бошад, ки бо дасти худаш тартиб додааст. Шеъру чистону қиссаву достонҳоро асосан аз китобҳои охиринаш, ки таҳриру такмил ёфтаанд, гулчин кардем ва дар се бахш ҷой додем: шеърҳо; чистонҳо; қиссаву достонҳо. Номи китоб ҳам, ки ҳамноми як шеъраш аст, рамзист. Ӯро мо ёд кардему ёд мекунем. Чунин шоири нағзу одами нағз ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешавад. Ин гуна инсонҳо дар дилу ҷони ҳамзабонону ҳамзаминони худ ҷовидона зинда мемонанд.

*Ҷӯра Ҳошимӣ*

## АЗ ОНИ ТУСТ, АЗ ОНИ МАН

Мову ту чун ду нарди ток
Парвардаи ин обу хок.
Ин оби соф, ин хоки пок,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Хору хасаш, барги каҳаш,
Гарду гилаш, санги раҳаш,
Бо пайраҳу бо пайгаҳаш,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Ин кӯю дар, ин ҷӯю ҷар,
Ин теғаи оҳугузар,
Ин қуллаи чун тоҷи сар,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Ин роғу ин дашту даман,
Ин боғу гулгашту чаман,
Ин рӯдҳои мавҷзан,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Хуни падарҳо рехта,
Ҳусне бар он ангехта,
Хоки ба хун омехта,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Обаш ба ҷойи сад даво,
Хокаш ба ҷойи тӯтиё.

Ин олами нуру сафо,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

Ҷонам, ватандорем мо,
Чун кӯҳи подорем мо,
Ҳар чӣ дар он дорем мо,
Аз они туст, аз они ман,
Ҷони ту асту ҷони ман.

## ДӮСТӢ

Обу ҳавову хоку дон
Ҳастанд бо ҳам меҳрубон,
Варна зи хоки нам чӣ сон
Дон бо ҳавас сар мекашад?

Шӯре наяндозад агар
Меҳри замин, абри гузар
Рӯйи замин аз тори сар
Бо шавқ чодар мекашад?

Бо сабза оби ҷӯйбор
Лаб мекушояд дӯствор,
Варна чӣ сон дар шӯразор
Сар сабзаи тар мекашад?

Гул рӯ кушояд рӯйи боғ,
Булбул кунад гулро суроғ.
Аз гул нагардад хушдимоғ,
Булбул наво дармекашад?

Киште нагардад комёб
Аз дӯстии офтоб,

В-аз лутфи ӯ н-ояд ба тоб,
Тасвир аз зар мекашад?

Одам ба одам дӯстдор,
Бо дӯст одам комгор,
Бе дӯстӣ дар рӯзгор
Кас зӯри худ бармекашад?

## МУШКИЛ БУВАД?

Хуб аст, агар чӯпон шавӣ,
Пайванди кӯҳистон шавӣ.
Аз пуштае бар пуштае
Пушти рама гардон шавӣ.
Дар соҳиле, дар теғае
Шаб монию меҳмон шавӣ.
Хушдил шавӣ аз бӯйи ишм,
Маст аз дами торон шавӣ.
Чӯпон шудан
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст боши боғбон,
Боғе барои одамон
Барпо кунӣ,
Аз меваааш
Бо меҳр монӣ рӯйи хон.
Гӯянд мардум офарин,
Ширин шавад вақте даҳон.
В-ин боғ бар авлоди ту
Аз ту бимонад чун нишон.
Бонии боғ
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, чун деҳқон агар
Саҳро равӣ вақти саҳар.
Кишти ҷаву гандум кунӣ,
Аз киштаат гирӣ самар.
Пур суфраҳо аз нон шаванд,
Гарданд рӯҳо сурхтар.
Аз худ намонад гушнагӣ
Дар ҳеҷ маъвое[1] асар.
Деҳқон шудан
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, агар дар рӯзгор
Меъмор бошию қатор
Тарҳ афканӣ бо сад ҳавас
Бар хонаҳои зебдор.
Бо дасти худ ҳар гаҳ диҳӣ
Ҳусне ба хоки кӯҳсор.
Дар ҳар куҷо мардум кунанд
Аз кори хубат ифтихор.
Меъмор будан
Коре магар мушкил бувад?

Хуб аст, агар мошинарон
Бошию бо мошин равон.
Гардӣ сӯйи шаҳри калон
Аз деҳ пагоҳу бегаҳон.
Осон намоӣ мушкиле,
Ҳоҷат барорӣ бар касон,
Кӯтаҳ шавад роҳи дароз,
Шодон шавад пиру ҷавон.
Ронандагӣ
Коре магар мушкил бувад?

[1] Маъво – хона, ҷой, паноҳгоҳ, лона, хонаи дарандаҳо.

Хуб аст, гар бошӣ ту чуст,
Ҳаргиз набошӣ хому суст.
Аз ҳеҷ кас то нашнавӣ
Дар ҳеҷ ҷо аз карда муст.
Чобук камар бандӣ ба кор,
Корат ба ҷо орӣ дуруст.
Бар навҷавонӣ чирадаст
Чолоку чустӣ обрӯст.
Чолок будан
Коре магар мушкил бувад?

## ХОНАҲОИ ДЕҲИ МО

Бо хандаи офтоб
Деҳа мехезад аз хоб.
Дарҳояш чун шавад боз,
Пур мешавад аз овоз.
Дар синаи танги кӯҳ
Бинӣ дунёи шукӯҳ.
Хонаҳо пасту баланд
Рӯйи ҳам истодаанд.
Ранги бору сарборанд,
Болои ҳам саворанд.
Пушт ба ҳам ниҳода,
Китф ба китф дода.
Аз рӯйи оби равон
То кӯчаи Каҳкашон…
Дар мағзи кӯҳсорон
Бар ҳамдигар чун инсон
Такя хонаҳо доранд,
Бо такя баҷо доранд.

## ДЕҲИ МО ҶОЙИ КОР АСТ

Деҳа надорад ором
Аз субҳ то дари шом.
Кори деҳа бисёр аст,
Дасти ҳама ба кор аст:
Яке сӯйи пуштаҳо
Рамаро барад чаро;
Об яке мемонад,
Тут яке таконад;
Пухтаст донаи ҷав,
Яке машғули дарав;
Яке бар тори ғарам
Банди нав мекунам зам;
Яке хирман мекӯбад,
Яке хирман мерӯбад;
Яке каҳ мекашонад,
Яке замин меронад;
Яке монад забаррав
Бар чӯби хонаи нав;
Яке ҷома медӯзад,
Яке сабақ омӯзад…
Кори деҳа бисёр аст,
Деҳи мо ҷойи кор аст.
Касе агар бекор аст,
Аз ӯ ҳама безор аст.

## АРЧА

Бар арча нигар, ситода масрур
Дар теғаи кӯҳи осмонрас,
Чун мӯрии боми хона аз дур
Тобад ҳама дам ба дидаи кас.

Бо қатраи аввалини борон
Рухсораи сабзи худ бишӯяд.
Оҳуи рамида дар таҳи он
Ҳар гоҳ ба худ паноҳ ҷӯяд.

Ҳар субҳ шуои гарми хуршед
Дар кӯҳ чу мешавад намудор,
Пеш аз ҳама арча бинад онро
Аз қуллаи барфпӯши кӯҳсор.

Дорад ба ҳавои тоза ҷавлон,
Парво накунад зи боду сармо,
Сар хам накунад ба пеши бӯрон,
Дилгир намешавад зи гармо.

Бар хок давонда реша маҳкам,
Сарсабз чу домани баҳор аст,
Дар теғаи кӯҳи осмонрас
Чун парчами сабз устувор аст.

## ЧАРОҒ

Рӯйи ҷӯ,
Сари кӯча,
Болои дари кӯча,
Сӯйи соҳил,
Сӯйи боғ,
Монд акоям чароғ.

Кӯчаи пур-пури санг,
Кӯчаи торику танг,
Кӯчаи пурчангу дуд,
Нуронӣ шуд,
Васеъ шуд.

Ҳар кас акнун шабона
Ояд ба сӯйи хона,
Поро накӯбад ба санг,
Дигар нашавад дилтанг.
Нури як чароғи хурд
Тирагӣ аз кӯча бурд.

Коре набошад хуштар,
Аз он ки андар олам
Раҳро кунад мунаввар
Одам барои одам.

## МАНУ ҶӮРАҲОИ МАН

Ману ҷӯраҳои ман
Як деҳаи пур астем,
Ману ҷӯраҳои ман
Хурдони чирадастем.

Ҷое, ки ҷойи ёрист,
Ҷойи мо бошад он ҷо,
Хурд магӯ, ҳама кор
Меояд аз дасти мо.

Холаи Марям бе кас,
Вале магар ӯ танҳост?!
Хабаргиронаш моем,
Ӯ холаи ҷони мост.

Рамаи деҳ дар Такоб,
Чӯпон акои Тилло.
Кӣ боғашро диҳад об?
Кӣ мебуд? Албатта, мо!

Хатро кӣ мекашонад? –
Нотоб амаки Равшан.
Кӣ мебуд? Албатта мо –
Ману ҷӯраҳои ман.

Якеро диҳӣ овоз,
Ҳама ояд ба майдон.
Мо ҳама дасти дароз,
Мо ҳама пойи равон...

Ману ҷӯраҳои ман
Хурдони чирадастем,
Ману ҷӯраҳои ман
Як деҳаи пур астем.

## МАГАР МАН КАЛОН ШУДАМ?

Дирӯз рӯйи роҳам
Ҳар он чӣ буд, дигар буд,
Имрӯз дар нигоҳам
Чаро ҳама дигар шуд?

Чаро саҳар ин қадар
Тозаву тар аст имрӯз?
Саҳаре чун ин саҳар
Надидаам то ҳанӯз!

Дигар садо медиҳад
Ин саҳар оби ҷӯбор,
Овози дили маро
Магар мекунад такрор?

Мехоҳам, ки суруде
Хонам чу оби дарё,
Чун бод пар барорам,
Тай кунам кӯҳу саҳро.

Чаҳ-чаҳ мезанад булбул,
Лаҳни хуш дорад имрӯз,
Бӯйидани шохи гул
Ба ман мефорад имрӯз.

Имрӯз аввалин бор
Дидам, ки лола зебост,
Сунбул чу тори кокул,
Бобуна чашми шаҳлост.

Дидам, ки дар лаби гул
Шабнам ба ранги холест.
Бо ман пур аст атроф,
Бе ман замини холист…

Дирӯз рӯйи роҳам
Ҳар он чӣ буд, дигар буд,
Имрӯз дар нигоҳам
Чаро ҳама дигар шуд?

Бовар намекунам ман
Акнун ба чашми худам…
Чаро ман ин қадар шод?
Магар ман калон шудам?

## ВАРЗИШ МЕКУНАД АҲРОР

Офтоби зарнигор
Саҳар аз дар дарояд,
Гунҷишкаки беқарор
Чириқ-чириқ сарояд,

Тозон ба рӯйи ҳавлӣ
Аҳрор мебарояд.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

Гаҳ мешавад хаму рост
Монанди химчаи тар,
Гоҳе пар-пар мезанад
Ба сурати кабӯтар,
Раҳ меравад бо дасташ,
Гоҳе меистад бо сар.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

Аз қафас кабки хушхон,
Аз остона Мошон,
Алопар аз лаби бом,
Аз боғ мурғи марҷон,
Бар шину хези Аҳрор
Дӯзанд чашми ҳайрон.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

Ширин хандад ба рӯяш
Офтоби шӯълабор,
Бозӣ кунад бо мӯяш
Насими оби ҷӯбор,
Рухсораҳои Аҳрор
Сурх ба мисли анор.
Яку дую сею чор,
Варзиш мекунад Аҳрор.

## ХОЛАИ ГАВҲАР

Зани боҳунар
Холаи Гавҳар,
Каси мӯътабар
Холаи Гавҳар.
Ҷон асту ҷигар
Холаи Гавҳар,
Яктои гузар
Холаи Гавҳар.
Машғули кор аст
Аз субҳ то шом,
Холаи Гавҳар
Надорад ором.
Гӯяд, ки одам
Зиндаст бо кор,
Аз рӯйи бекор
Дунёст безор.
Ё пашм ресад
Дар бурҷи айвон,
Ё рағза бофад
Дар кунҷи майдон.
Бандад ҳамеле
Аз меваи тар,
Камзӯлу тоқӣ
Ё дӯзад аз зар.
Ё нон пазад ӯ,
Ё оши угро…
Як дам набинӣ
Бекор ӯро.
Ҳамсояҳоро
Коре барояд,
Холаи Гавҳар
Бо сар биёяд.

Аз ғуссаи мо
Маъюсу дилгир,
Аз шодии мо
Намешавад сер.
Каси мӯътабар
Холаи Гавҳар,
Маҳбуби гузар
Холаи Гавҳар.

## ГУЛИ ГУЛҲО

Аз ёна гул овардем,
Ду дона гул овардем,
Баҳри қабул овардем,
Гули гулҳо сияҳгӯш.

Гули баҳор омада,
Муждаи кор омада,
Баҳри нисор[1] омада,
Гули гулҳо сияҳгӯш.

Холаҷони хонадор,
Моро накун интизор,
Ҳадяи худро барор,
Гули гулҳо сияҳгӯш.

Гули гулҳо қатор аст,
Ранги чашми хумор аст,
Дар пуштаҳо баҳор аст,
Гули гулҳо сияҳгӯш.

[1] Нисор – ҳадя, тӯҳфа, садака, қурбонӣ

## АБРИ ГУЗАР

Абри гузар,
Тез, тез
Машав парешон.
Вақти сафар
Рез, рез
Оби фаровон.
Сабзаи тар,
Хез, хез
Аз пайи борон.
Боди саҳар,
Без, без
Атри баҳорон.

## УШТУР БА РАҲ РАВОН ШУД!

Абр аз раҳи дур омад,
Абре не, уштур омад,
Уштури каҷовадор,
Каҷоваааш – пури бор.
Бораш ҳама борон буд,
Борони баҳорон буд.
Аз теғаҳо фуромад,
Ба пуштаҳо баромад.
Каҷ шуд яке каҷова,
Якбора чун аз нова
Бораш ба замин шорид,
Дар пушта борон борид.
Сурӣ оби борон хӯрд,
Оби борон торон хӯрд,
Чукрӣ дасту рӯяш шуст,
Сияҳалаф мӯяш шуст.

Майсаи гандуму ҷав,
Лолаҳои чун алав,
Оби борон нӯшиданд,
Пуштаҳоро пӯшиданд…
Офтобак тобон шуд,
Уштур ба раҳ равон шуд,
Тобон тиру камон шуд,
Кӯҳу тал гулситон шуд!

## ҶАЙРА

Ҷайра аз шикор омад,
Кораш бобарор омад,
Себи сурхи хубонӣ
Дар нӯгаки хор омад,
Ҷайра аз шикор омад.

Пушти пушта,
Зери хор,
Бачаҳояш интизор,
Ҷайра савғо мебарад
Себи сурхи чун анор,
Ҷайра аз шикор омад.

Ҷайра баромад ба дашт,
Кучукча рӯ ба рӯ гашт,
Хоракашро ларзонид,
Кучукчаро тарсонид,
Ҷайра аз шикор омад.

Аз шӯъла бар сари ҷар
Чодар мекашад саҳар,
Бачаякони ҷайра
Серанд мисли модар,
Ҷайра аз шикор омад.

## АЛОПАР

Алопари мо,
Турми дари мо,
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.

Сар ба рӯйи даст
Гузорад мудом,
Магӯ, ки хоб аст,
Дар гӯшаи бом.

Туро диҳад фан,
Бедор Алопар,
Ба имои ман
Тайёр Алопар.

Гар ошноӣ,
Кор надорад,
Гар бегонаӣ,
Намегузорад.

Аз дарсам оям,
Дар мекушояд,
Пешопеши ман
Ба хона ояд.

Шом ояд, аз дар
Намебарояд,
То субҳ аз бом
Намефурояд.

Алопари мо,
Турми дари мо,
Саги беҳтарин
Дар гузари мо.

## ЧӮҶАҲО

Чӯҷабарак аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад,
Ҳама ҷоро мекобад,
Мекобад, намеёбад.
Чӯҷаҳо ранги замин,
Чӯҷаҳо ранги обанд,
Зери буттаро бубин,
Чӯҷаҳо ҳама хобанд.
Аз себаргаву ҳулбӯ
Болини зебо доранд,
Аз наънову аз қоқу
Қолӣ зери по доранд.
Чӯҷаҳо бетартиб не,
Ғавғо намебароранд,
Чӯҷаҳо бесоҳиб не,
Чӯҷаҳо соҳиб доранд.
Чӯҷаҳо оча доранд,
Чӯҷаҳо додо доранд,
Чӯҷаҳо апа доранд,
Чӯҷаҳо ако доранд.
Чӯҷабарак аз саҳар
Чӯҷаҳоро мекобад,
То бегаҳ кобад агар
Нишоне намеёбад.

## ЧАРО?

Танам дарде надорад,
Дастаму поям баҷо,
Мехоҳам, коре кунам,
Наметавонам, чаро?

Ҳавлиро бояд рӯбам,
Шӯям фарши хонаро,
Аммо наметавонам,
Хушам наояд, чаро?

Оби равон мехоҳад
Полези пурбори мо,
Сӯяш оби равонро
Намегардонам, чаро?

Китобамро кушоям,
Ҳушам равад ҳар куҷо,
Ҳуши парешони ман
Ҷамъ наёяд, чаро?

Ғул-ғули бозӣ ояд
Бар гӯшам аз кӯчаҳо,
Дар ҷойи худ нишастан
Наметавонам, чаро?

## КӢ ХАСТАТАР МЕШАВАД?

Миён маҳкам бубаста
Побел мекунад Исо,
Рӯйи курсӣ нишаста
Гап мефурӯшад Мӯсо.

Дона-дона мешорад
Арақ аз рӯйи Исо,
Майли ёрӣ надорад
Ба Исо ҳеҷ Мӯсо.

Мӯсо – овораи гап,
Исо овораи кор,
Бигӯ, кадоми онҳо
Хаста мешавад бисёр?

# БОРИ ГАРОН

Оҳиста хар по мениҳад,
Дониста хар по мениҳад.
Шеб[1] ояд аз роҳи фароз,
Аз пайраҳи дуру дароз.
Сӯе наяндозад назар,
Боре гарон дар пушти хар.
Аввал ба раҳ дӯзад нигоҳ,
Поро пасон монад ба роҳ.
Бар роҳгардиҳои хар
Буз таъни худро кард сар,
К-эй баста бар поят сиреш,
По хубтар бигзор пеш!
То чанд мемонӣ лаванд?
Кай мешавӣ чусту даванд?
Раҳ меравӣ чун сангпушт,
Орому безебу дурушт!
Монанди ман по зан ба раҳ,
Чобук бидав,
Чобук биҷаҳ!
Ин гуна по монӣ ба роҳ,
Бар манзил ой субҳгоҳ…
Бар таъни буз нодода гӯш
Хар пой мемонад хамӯш.
Донад, ки аз кори шитоб
Н-ояд ба каф бори савоб.
Раҳ дида поро мениҳад,
Санҷида поро мениҳад.
Аз таънаи беҷои буз,
Аз талхгӯиҳои буз,
Гарчӣ гаронтар бор гашт,
Хар андаке ҳушёр гашт.

[1] Шеб – нишеб

## РӮБОҲ ВА ЛАКЛАК

Дармонд устухоне
Андар гулӯи рӯбоҳ,
Бар назди Лаклак омад
Рӯбоҳаки мададхоҳ.
Чун дид Лаклаки пир
Рӯбоҳи ашкрезон,
Биншонд рӯйи курсӣ,
Бо шавқ гашт пурсон:
– Баргӯ, чӣ сон ту хӯрдӣ
Яклухт устухонро?
Андешае накардӣ,
К-он медарад даҳонро?
Чун майдааш накардӣ
Бо зӯру зарби дандон?
Шуд захмгин гулӯят
Аз нӯги тези сутхон?
Як пора устухон чун
Якбора бар гулӯ рафт?
Гар нафси бад набошад,
Чун бар гулӯ фурӯ рафт?...
Бо чашмҳои хунбор,
Бо як азоби ҷонкоҳ,
Ба рӯйи Лаклаки пир
Оҳиста гуфт Рӯбоҳ.
– Аввал раҳонам аз ғам,
Бар аз дилам сиёҳӣ,
Мекун суолборон
Пас ҳар қадар, ки хоҳӣ.
Тафсир ҷо надорад,
Ҳақ гуфт Рӯбаҳу рост,
Дар рӯзгор бисёр
Аз кори мо гапи мост.

## АЗ СИДҚИ ДИЛ

Тарсу наям, аз тарси ҷон
Дар дил маро набвад нишон,
Бовар надорӣ гар, бикун
Ҳар вақт хоҳӣ имтиҳон.

Аз тайи роҳи дури дур
Ҳаргиз натобам рӯйро,
Раҳ пеш гирам, обу тоб
Бидҳам дили раҳпӯйро.

Мегирам аз домони абр,
Бар қуллаҳо по мениҳам,
Чун фотеҳи кӯҳи баланд
Аз қулла ово медиҳам.

Шинам ба рӯйи боли нур,
Раҳ гирам аз пушти саҳар,
Бо чашми равшан то кунам
Бар оламу одам назар.

Об оварам, оби ҳаёт
Бо майлу бо шавқи тамом,
Сӯйи замини сӯхта,
Сӯйи замини ташнаком.

То манзили деҳқон шавад,
То мулки ободон шавад,
Пур хони бози одамон
Аз неъмати алвон шавад.

Хоҳам, ки гардам соате
Ҳамболи мурғони ҳаво,
То худ биёбам огаҳӣ
Аз сӯзи сахти синаҳо.

Ҳар ҷо барад роҳам маро,
Он ҷо намеояд зиён,
Бо худ ба ҳар кӯй оварам
Суд аз барои одамон.

Хуб аст, агар дар рӯзгор
Бо одамон ҳамдам шавӣ,
Қисмат кунӣ шодӣ гаҳе,
Гоҳе шарики ғам шавӣ.

Бахти баланде ҳеҷ нест,
Аз он ки бар нафъи касон
Дар зиндагӣ хидмат кунӣ
Аз сидқи дил,
Аз мағзи ҷон.

## БЕ БОЛУ ПАР ПАР МЕЗАНАМ

Дар ҷойи худ биншастаам,
Аммо равон ҳастам, равон,
Бе болу пар пар мезанам
Байни замину осмон.

Аз рӯйи ҷӯ кардам гузар,
Кардам гузар аз рӯйи ҷар,
Пас монд сад пасту баланд,
Пас монд сад кӯю гузар.

Пас монд сад майдону боғ,
Пас монд водии Ҳисор,
Кӯҳ омаду бурсу яхаш
Бо чашмаву бо обшор.

Дар ёлаҳо бузғолаҳо
Бо барраҳо гарми чаро,
Раҳ чун пайи печони мор
Печон равад то қуллаҳо.

Гандум тилои ҷаъфарист,
Дил мебарад зарри тило,
Хирман зада дасти дарав
Аз муштаҳо дар пуштаҳо.

Пешу пас ояд сад ситеғ[1]
Пешу пас ояд сад дара,
Инаш аз он зеботар аст,
Онаш аз ин хубу сара.

То сер бинам кӯҳро,
Бар кӯҳ дӯзам чашм дер,
Серӣ бубинам ҳар қадар,
Чашмам нагардад боз сер.

Дар ҷоякам биншастаам,
Дил мепарад,
Дил мепарад,
Афсонаи зебои кӯҳ
Дил мебарад,
Дил мебарад.
Монанди кӯҳистони ман
Ҷое набошад дар ҷаҳон…
Беболу пар пар мезанам
Байни замину осмон.

## БА ГУФТАН МУШКИЛ

Аз домани ҳар рӯзи мо
Сар барзанад сад неку бад.
Аз хашми абри жолабор
Дар зови беобе дамад
Селобае дар кӯҳсор.
Бо пардаи сарду ситабр
Гирад гаҳе гоҳи шитоб
Меғи[1] сияҳ роҳи назар,
То бандад аз мадди нигоҳ
Нури нигоҳи офтоб.

---

[1] Ситеғ – теғаи кӯҳ, теғаи рост, қулла
[1] Меғ – абр, туман, ҷуд

Гоҳе дар айёми нумӯ
Дар боғи чун боғи биҳишт,
Дар ҳалқаи сад нахли тар,
Дар оғӯши урдибиҳишт
Хушкад дарахти борвар.

Сар барзанад сад неку бад
Аз домани ҳар рӯзи мо…
Аммо наёяд боварам,
К-осон рафиқи ту барад
Аз ёди худ ёди туро.

Оне, ки ёди ту рабуд
Аз лавҳи ёди хештан,
Мушкил ба гуфтан, эй шафиқ,
Бовар бикун бар гуфти ман
Ҳаргиз туро набвад рафиқ.

## КУ, БИГӮ?

Аз роҳи танг,
Аз мағзи санг,
Пеш ояд об,
Монад қафо роҳи азоб.
Роҳи каме ин роҳ нест.
Ку, ту бигӯ,
Эй дӯстрӯ,
К-ин ҷаҳди об аз баҳри чист?

Дар рӯйи роҳ,
Рӯ зад гиёҳ,
Биштофта,
Бишкофта

Муми дурушти фаршро.
Ку, ту бигӯ,
Эй дӯстрӯ,
Сар зад ба сахтиҳо чаро?

Донӣ, чаро?
Назди ман о,
Гӯям ба ту,
Эй дӯстрӯ,
К-ин азми ҷазм аз баҳри чист:
Ҷонам, барои зиндагист.
Бар н-оварад нахли умед,
Гар дар сириштат[1] азм нест.

## ВАҚТИ САҲАР

Вақте чӣ хуб асту сара
Вақти саҳар,
Ғарқи сафоясту фараҳ
Вақти саҳар.
Вақти сафар ба раҳгузар –
Вақти саҳар,
Осон равад аз кӯҳу ҷар
Вақти саҳар.
Оғози кори коргар –
Вақти саҳар,
Бидҳад ба кор авҷи дигар
Вақти саҳар.
Вақти талоши хокпош –
Вақти саҳар,
Бор оварад дон аз талош
Вақти саҳар.

---

[1] Сиришт – бунёд, асл, гавҳар, буня, бунён

Вақти шитоби подабон –
Вақти саҳар,
То дар тале гирад макон
Вақти саҳар.

Баҳри шакархоб аст боб
Вақти саҳар,
Хобӣ равад ширин ба хоб
Вақти саҳар.

Сар барзанам аз дасти хоб
Вақти саҳар,
Чашми ману сатри китоб
Вақти саҳар.

Суде кунад такрори ман
Вақти саҳар,
Табъи дили бедори ман –
Вақти саҳар.

## ХУРСАНДӢ

Сабҳи сафо бар рӯйи мо
Рӯ тарзи дигар боз кард,
Монанди нуре сӯйи мо
Мурғи фараҳ парвоз кард.

Дар мисли шаб пӯшида буд,
Чун субҳ омад, боз шуд,
Хомӯш буд, чанде ба гап
Омад, пур аз овоз шуд.

Чун лона пинҳон буд агар,
Гардид кохи бофаре,
Омад бародарҷони ман
Вақти саҳар аз аскарӣ.



Оҳанги шодӣ шуд баланд,
Пур шуд дару бом аз сурур,
Хешу таборон омаданд
Пешу пас аз наздику дур.

Чун мо деҳи пуркори мо
Дар қалби худ дорад баҳор,
Баргашт сӯйи корҷо
Дасту дили гарме ба кор.

Кӯҳу камар пеши назар
Имрӯз дигар паст тофт,
Ё хонаи мо шуд баланд,
Чун соҳибашро боз ёфт?

## ТОҶИК АСТАМ

Тоҷик астам,
Тоҷик астам,
Рези санги кӯҳсорам,
Бо замини камзаминам
Ноз дорам,
Фахр дорам.

Тоҷик астам,
Тоҷдорам,
Тоҷи ман кӯҳи баланд аст,
Теғаи гардункулоҳаш
Теғаи рӯҳи баланд аст.

Қад кашам сӯйи кавокиб
Чун ситеғи кӯҳи саркаш,
Бо сари пур аз хаёле,
Бо дили дарёи оташ.

Тоҷик астам,
Мепарастам
Лаҳни ширини дариям,
Саҷда орам чун ба модар
Сӯйи лафзи модариям.

Тоҷик астам,
Пеши дунон
Хам сари худро наёрам,
Нангу номуси ниёгон
Дар ниҳоди хеш дорам.

Шеракам,
Темурмаликам,
Восеи гарданфарозам,
Бо бадон ҳаргиз мадоро
Менасозам,
Менасозам.

Ҷо диҳам дар хонаи чашм
Дӯстони меҳрубонро,
Душмани душмангудозам
Ҷумлаи бадхоҳи ҷонро.

Тоҷик астам,
Тоҷик астам,
Узви як мулки кабирам,
Болам аз иқболу бахти
Беназирам,
Биназирам.

## ХОЛАИ ГУЛРЕЗ

Раҳ мегузорад дастгоҳ
Пешу қафо,
Пешу қафо,
Резад паёпай рӯйи роҳ
Гул бесадо,
Гул бесадо.

Аз остон то осмон
Гул ранг-ранг
Гул ранг-ранг,
Фабрика не, як гулситон,
Монӣ гаранг,
Монӣ гаранг.

Печад ба гул то марду зан,
Гул мениҳад,
Гул мениҳад,
Умре ба ту, умре ба ман,
Гул медиҳад,
Гул медиҳад.

Резад гули зебою тар
Аз орзу,
Аз орзу,
Соле баҳори гулбасар
Дар чашми ӯ,
Дар чашми ӯ.

Гул аз зиё, гул аз сафо,
Гул бехазон,
Гул бехазон…
Дастат набинад дардро,
Эй холаҷон,
Эй холаҷон!

# ОБМОН

Сар лучу пову даст луч,
Беле ба каф дорад гузар,
Дар зери пояш хоки гарм,
Ташти зар андар тори сар.

Аз санг бар санге сабук
Ҳамчун ғизоле[1] мепарад,
Ҷӯйи ба ҷӯ,
Боғи ба боғ,
Оби зулоле мебарад.

Хоре кашад аз доманаш,
Зарбе хӯрад пояш зи санг,
Аз неши хору сангкӯб
Ҳаргиз намеояд ба танг.

Хуншор гардад пойи ӯ,
Марҳам кунад аз хоки роҳ,
Дармони дарди ҷони ӯст
Сардобаву хоки сиёҳ.

Ғам раҳ нагирад бар дилаш,
Бас хушдил асту хушдимоғ,
Об оварад аз пойи тал
Бо меҳр бар оғӯши боғ.

Дар ҷӯяҳо мӯйи ба мӯ
Қисмат шавад гар оби ҷӯ,
Чун ғунчае гул мекунад,
Чун сабзае ёбад нумӯ.

---

[1] Ғизол – оҳубарра

Гар буттаи лабташнаро
Аз ташнагӣ бидҳад раҳо,
Кам гардадаш озори даст,
Кам гардадаш озори по.

Гар сабзае гардад хазон?
Хеле азият мекашад,
Бо ҳар ниҳоле, гар хӯрад
Оби равон, қад мекашад.

Сар лучу пову даст луч,
Об орад аз бехи камар…
Сераш бубин, дар деҳа нест
Ин сон дигар ҷононписар.

## ҲАСТ? НЕСТ!

Роҳи дарози хонаро
Ору намегирад хато.

Бар лонааш бе иштибоҳ
Лаклак бипӯяд рост роҳ.

Гунҷишк сӯйи лонааш,
Санҷоб сӯйи хонааш,

Харгӯш сӯйи ҷойи худ
Бе саҳв монад пойи худ.

Аз байни хоку сангу лой
Чолок монад муш пой,

Бо пайраҳи борики худ,
Бар хонаи торики худ.

Чунки барояш дар ҷаҳон
Якто бувад аз ин макон.

Ин ҷо фақат бо сад ҳавас
Озод мегирад нафас...

Аз хонаи худ, эй писар,
Ҷое ба дил наздиктар

Дар рӯйи дунё ҳаст?
Нест!
Марғубтар ҷо ҳаст?
Нест!

## САБЗИ САБЗ

Сабза саҳар сар кашид,
Сар аз хоки тар кашид.
Дид осмон сабзи сабз,
Оби равон сабзи сабз,
Кӯҳи гарон сабзи сабз,
Дашти калон сабзи сабз.
Ҳайрон шуд, аз ранги худ
Ҳоло ки бехабар буд.
Чунки мисли осмон,
Монанди оби равон,
Монанди кӯҳи гарон,
Монанди дашти калон,
Субҳидам буд сабзи сабз,
Сабза ҳам буд сабзи сабз.

## ЧИРО ЧӢ ЗИНАТ ДИҲАД?

Ҳар чӣ зинате дорад,
Қадру қимате дорад.
Гул зинати гулзор аст,
Зинати ёбон хор аст.

Мева зинати боғ аст,
Майса зинати роғ аст.
Тарма зинати дара,
Дара бо тарма сара.
Зинати кӯҳистон теғ,
Зинати баҳорон меғ,
Зинати ҷӯбор об аст…
Зинати кас одоб аст.



## ЧИНОР

Дар паҳлӯи роҳи гузар,
Дар рӯйи оби чашмасор,
Бо дасти худ фасли баҳор
Рӯзе нишонидам чинор.

Як тағнаи[1] такҷаст буд,
Як химчаи борик буд,
Як раҳ нигаҳ дӯзӣ, базӯр
Бар чашми раҳрав менамуд.

Гирди тани бехори худ
Аз хорча девор дошт,
Дасти хато то нашканад,
Пушту паноҳ аз хор дошт.

Бо майсаҳо якҷоя буд,
Бо сабзаҳо ҳампоя буд,
Бо оби сарду кӯҳи сабз
Дар нисбати ҳамсоя буд.

Рӯҳе варо омад ба тан
Аз бӯсаи гарми баҳор,
Барге кушоду шох баст
Дар пойбӯси кӯҳсор.

Аз синаи хокаш макид
Шаҳде ба сони шири пок,
Зӯре гирифту қад кашид
Чун зодаи ин обу хок.

Бингар, чинори ман чӣ сон
Зебост рӯйи чашмасор,
Фарру шукӯҳе додааст
Бар чор сӯйи чашмасор.

Дасти насими кӯҳгард
Бинавозадаш шому саҳар,
Чун паҳлавон сар мекашад
Дар паҳлӯи роҳи гузар.

---

[1] Тағна – шохе, ки аз бехи дарахт барояд.

## МЕҒ

Аз хобу хобу хобу хоб
Дилгир шуд бисёр меғ,
Чун баст чашми офтоб,
Пӯшид чун рӯйи ситеғ.

Як ҳафта меғ ашке фишонд,
Як ҳафта нам бо гул нишаст,
Як ҳафта гул аз ханда монд,
Як ҳафта ғам бо гул нишаст.

Як ҳафта тар шуд бому дар,
Як ҳафта ҳавлӣ нам кашид,
Заҳ шуд ҳама роҳи гузар,
Монд аз ҷило оби сафед.

Меғ аз нишастан хаста шуд,
Аз сабза шустан хаста шуд,
Зиқ аз нигоҳи баста шуд,
Ғун шуд яке,
Як даста шуд.

Рафт аз дара меғи лаванд,
Бишкуфт гул, тобид об,
То одамон шодӣ кунанд,
Хандон баромад офтоб.

## НОТАРС ЧӢ СОН ШАВАД Ӯ?

Аз навда ба навда дав-дав ояд,
Парво накунад зи роҳи нобоб,
Тарсанда ки ҳеҷ нест, санҷоб
Дар шохи дарахт меравад хоб.

Тозон-тозон қатори модар
Оҳубара мерасад зи тангӣ,
Тарсанда ки нест, бе ҳаросе,
Аз санг сабук ҷаҳад ба санге.

Маймунбача мисли дорбоз аст,
Овезаи гӯши шохаи тар,
Тарсанда ки нест, бе хаёле
Аз шох парад ба шохи дигар.

Ҳамсояи ҳафтсолаи мо
Бе гиря ба поя по намонад,
Тарсанда ки ҳаст, ҳеҷ танҳо
Аз бом фуромадан натонад.

Санҷобаку оҳубарра, гӯед,
Маймунаки тезпар, ту ҳам гӯ,
Нотарс чӣ сон шавад, ки номаш
Ҳар ҷо набаранд ҳамчу тарсу?[1]

## БАҲОР КӮЧ БАСТ

Бо ханда бигзашт офтоб
Аз теғи кӯҳи нуқратоб.
Бар кӯйи бераҳ раҳ кушод,
Гармӣ ба оби сард дод.
Вақте ки аз саҳро гузашт,
Гулранг шуд оғӯши дашт.
Шабнам, ки дар барги алаф
Метофт монанди садаф,
Дар поя шуд, бо як шитоб
Пинҳон зи чашми офтоб…
Фасли баҳорон кӯч баст,
Бар тахт тобистон нишаст.

[1] Тарсу – тарсончак, заиф

## ҒЕЛОН БАРОМАД ОФТОБ

Ғелон баромад офтоб
Болои боғи рӯи шах,
Чобук хӯрад бар пеш тоб
Чун чарх аз паҳлӯи шах.

Аз рӯйи олу нарму гарм
Бӯсид ширин офтоб,
Аз бӯсаҳои гарму нарм
Олуи тар бигрифт об.

Бӯсид ширин гарм-гарм
Аз чашму рӯю мӯйи ман,
Аз бӯси гарми офтоб
Бишкуфт гул дар рӯйи ман.

Сар лучу китфу пой луч
По мегузорам рӯйи раҳ,
Олу бичидам даҳ ҳавуч,
Бо худ барам бар киштгаҳ…

Дар хона биншинам хамӯш?
Сарро ниҳам бар пойи хоб?...
Ку тоқате? Болои шах
Ғелон баромад офтоб!

## БӮСАИ ОФТОБ

Хоки бечон чон гирифт,
Зеб кӯҳистон гирифт,
Бӯса зад чун офтоб.

Гандуму чав сар кашид,
Точи нав аз зар кашид,
Бӯса зад чун офтоб.

Лолагун шуд рӯйи роғ,
Пухт тути хоми боғ,
Бӯса зад чун офтоб.

Олуча шаккарин шуд,
Гелос асал барин шуд,
Бӯса зад чун офтоб.

Мову регу рӯйи об,
Шодии дил беҳисоб,
Бӯса зад чун офтоб.

Мисли бӯси моми ҷон
Дилбар асту дилнишон
Бӯси гарми офтоб.

## ТУРО МО ЁД КАРДЕМ!

Тути балхӣ рӯйи раҳ пухт,
Зарбадан дашту даман шуд,
Ранги худ олу бадал кард,
Сурх ҳамчун рӯйи ман шуд.

Гандуму ҷав шуд тилоӣ,
Пуштаву тал шуд зарандуд,
Кӯҳдоман ранг бигрифт,
Ҷо барои шабдарав шуд.

Обаке чак-чак чакон аст,
Мисли ашки ях равон аст,
Чӯҷаи кабк аз сари санг
Аз пайи модар парон аст.

Кӯч аз дашту даман баст
Чорпо сӯйи кӯҳистон,
Боз шавқи кӯҳгардӣ
Мекашад аз нӯги домон…

Бе ту мо дилгир будем,
Эй тамуз, эй фасли гармо,
Бӯса бар лабҳои ях зан,
Гармие деҳ ҷони моро.

Дер кардӣ,
Ёд кардем
Мо туро бисёр, бисёр,
Фикри мо кардӣ ту боре,
Фасли гарми мулки кӯҳсор?

## БОЗ ОМАД ТАМУЗ

Поро агар монӣ ба хок,
Сӯзад кафи по нимарӯз,
Хомӣ макун, аз ҷой хез,
Боз омад айёми тамуз.

Тафсид монанди танӯр
Домони дашту рӯйи тал,
Аз тасфи гармо кардааст
Кӯҳпоя ранги рӯ бадал.

Теғи нигоҳаш мекашад
Аз авҷ бар сар офтоб,
Ҷӯ мешавад аз зери мӯ
Бар чашму рӯ дар соя об.

Барги палак пажмурдааст,
Хушк аст ҷӯву нест нам,
Аз ташнагӣ барги алаф
Сар рӯйи раҳ оварда хам.

Чун ташна гармиро фурӯ
Серӣ барад шохи дарахт,
Бояд шавад ширину нарм
Ҳар мевае турш асту сахт.

Гар киштае буд норасид,
Дар киштзорон мерасад,
Аз ҳиммати фасли тамуз
Рӯзӣ фаровон мерасад.

Хомӣ макун, рӯ барматоб
Аз лутфи тобистони гарм,
Нӯши нигоҳи офтоб
Бошад ҳузури ҷони гарм.

Болои реги нарму гарм
Хобам миёни нимарӯз,
Хомии худро мепазам
Дар деги ҷӯшони тамуз.

## ЗЕБӢ

Зебӣ дар гӯшаи боғ,
Бинмояш он ҷо суроғ.
Зебӣ дар тори дарахт,
Кам кунад бори дарахт.
Боғе калон, кобияш,
Осон намеёбияш.
Гуфти ман бефиреб аст,
Зебӣ монанди себ аст.
Чун ду себ ӯро ду рӯ,
Чашмоне чун ду олу.
Бинияшро бубинӣ,
Себи яхак, на бинӣ.
Ҷо гашта ҷойи занах
Себи сафеди берах.
Зебӣ чинад аз саҳар
Себи боғи лаби ҷар.
Аз себи чидаи ӯ –
Пур майдони рӯйи ҷӯ.

Себу себу себу себ,
Саҳне аҷаб дилфиреб.

Ин ҳамаро бо ду даст,
Як худи Зебӣ чидаст.

Кори Зебӣ базеб аст,
Бефанду бефиреб аст.



## МЕВАЧИНӢ МЕРАВЕМ

Танҳо машин дар тангҷо,
Аз тангно берун баро,
Майле агар дорӣ ба мо,
Бо худ сабад гиру биё.

Мо мевачинӣ меравем.
Чашми саҳар равшан шавад,
Ман меравам,
Гул меравад,
Баҳрину Парвин меравад.

Дар боғ ширин пухтааст
Олую зардолую себ,
Мисли асал,
Мисли шакар
Тармеваҳои дилфиреб.

Афзояд аз ҳар баргу бар
Нуре ба нури дидаат,
Ҷонат ҳаловат мебарад
Аз меваҳои чидаат.

Пар мезанад шодӣ чу кабк
Дар домани кӯҳи фароз,
Дар боғ хандоханди мо
Гул мекунад рӯзи дароз.

Танҳо машин дар тангҷо,
Аз тангно берун баро,
Мо мевачинӣ меравем,
Бо мо биё,
Бо мо биё!

# АЗ СӮҲБАТҲОИ СОМОН



## СӮҲБАТИ СОМОН БО МЕВА ВА КӮТАЛ

– Олу, олу, эй олу,
Аз чист сурхии ту?
– Сурхиям аз гармояст,
Гармо дар ҷонам ҷояст.

– Себак, себак, чӣ сон ту
Ширин шудию дилҷӯ?
– Таъми ман аз гармояст,
Гармо дар ҷонам ҷояст.

– Анҷир, анҷир, эй анҷир,
Ту чун шудӣ дилпазир?
– Ҳадяе аз гармояст,
Гармо дар ҷонам ҷояст.

– Ангур, ангур, эй ангур,
Аз куҷо ин шаҳду нур?
– Аз эҳсони гармояст,
Гармо дар ҷонам ҷояст.

– Кӯтал, кӯтал, эй кӯтал,
Зарҳал шудӣ ту пал-пал?
– Вақташ омад, соз омад,
Фасли гармо боз омад.

## СӮҲБАТИ СОМОН БО ОФТОБИ ТОБОН

– Эй офтоб, эй офтоб,
Эй офтоби шӯълавар,
Аз чашми ман гаштӣ ниҳон,
Шабро чӣ сон кардӣ саҳар?

– Дар пушти як кӯҳи баланд,
Дар як диёри гулбабар,
Бо дӯстоне мисли ту
Бурдам дами хубе ба сар.

– Эй офтоб, эй офтоб,
Эй офтоби шӯълабор,
Боз омадӣ бисёр гарм,
Чун омадӣ бар кӯҳсор?

– Боз омадам, гарм омадам,
Сардӣ барам аз регу об,
То ту тани худро диҳӣ
Дар регу дар об обу тоб.

– Эй офтоб, эй офтоб,
Эй офтоби шӯълакор,
Аз ғайри обу реги тар
Нурат куҷо созӣ нисор?

Дар пуштаҳо бар киштаҳо,
То сар кашад гандум ва ҷав,
Дар боғ то ранг оваранд
Тармеваҳои нав ба нав.

– Эй офтоб, эй офтоб,
Эй офтоби шӯълазан,
Бо кӣ ту ҳамдам мешавӣ,
Чун меравӣ аз чашми ман?

– Албатта, мегӯям ба ту,
Фардо чу оям рӯ ба рӯ.
Ҳар ҷо равам, эй дӯстрӯ,
Ҷӯям рафиқе мисли ту.

## СӮҲБАТИ СОМОН ВА КӮҲИ САРКАШ

– Эй кӯҳи саркаш, ин қадар
Сар мекашӣ сӯйи само?
То чанд сар бармекашӣ?
Қад мекашӣ то бар куҷо?

– Сар мекашам, қад мекашам,
То он замон, эй ҷони ҷон,
То аз сари китфам ниҳӣ
По бар сарои Каҳкашон.

– Эй кӯҳи сар то пой зеб,
Сарсабз ҳастӣ ин қадар?
Якумр мегирӣ чаро
Пӯшоки сабзи худ ба бар?

– То мурғакон дар шохаҳо
Монанд зебо ошён,
Сомони ҷон хушдил шавад
Аз чаҳ-чаҳи ин мурғакон.

– Эй кӯҳи дар гил пойбанд,
Эй сарбаланди побаҷо,
Аз домани ин обу хок
Бигрифтаӣ маҳкам чаро?

– Поят набошад устувор
Гар дар дили хоки ватан,
Душвор дар рӯйи замин
Сарро баланд афрохтан.

## СӮҲБАТИ МАРДИ РАҲГУЗАР БО СОМОН

– Тозон куҷо ҳастӣ равон
Дар айни гармии ҳаво?
– Сӯйи даравҷо меравам,
Пеши даравгарҳои мо.
– Ҷойи дарав ҳоло куҷост,
Бар мо бидеҳ онро нишон?
– Дар пушти пушти ёлаҳост,
Он ҷо, ки об ояд давон.
– Об аз куҷо, бар мо бигӯ,
Ояд давон, эй гулписар?
– Оби зулол ояд давон
Аз пушти шах, аз бехи ҷар.
– Шах дар куҷо, ҷар дар куҷост,
Бинӣ аз ин ҷо бо нигоҳ?
– Он ҷо, ки монанди таноб[1]
Тобад хати печони роҳ.
– Касро барад то бар куҷо
Ин раҳ бигӯ, аз ин макон?
– То бар даравҷо мебарад,
Он ҷо, ки ман ҳастам равон.

## СӮҲБАТИ СОМОН БО ЧАНБАРШОХИ АЛО

– Ҳар саҳар ба сӯйи кӯҳ
Чаро меравӣ чаро[2]?
– Ҷойи хуби хуби хуб
Кӯҳ аз барои чаро.

[1] Таноб – ресмон
[2] Чаро – ин ҷо ба маънои чаридан, ба маънои чарогоҳ низ меояд.

– Пур аз сабзаву об аст
Атрофи хонаи мо.
– Чун обу сабзаи кӯҳ
Набвад дар олам ғизо.
– Дар канори кӯҳи сабз
Шаб намехобӣ чаро?
– Ман хобам, ту мемонӣ
Бе ғизое ҷонфизо.
– Шират хеле хушгувор,
Ин таъми хуш аз куҷост?
– Аз обу сабзаи кӯҳ
В-аз ҳавои пурбаҳост.

## СӮҲБАТИ СОМОН БО ОРУИ АСАЛ

– Ору, ору, эй ору,
Сахту сангин кори ту,
Аз баҳри андаке шаҳд
Рӯзе гул мекунӣ бӯ.

Умре овора ҳастӣ,
Сарсону саргардонӣ,
Оё ҳама гулҳоро
Бӯ карда метавонӣ?

– Коре сангин асту сахт,
К-он табъи дил набошад,
Ҳар коре, ки дилхоҳ аст,
Ҳаргиз мушкил набошад.

Коре, к-аз он суд ояд,
Набвад душвору дилсӯз,
Душвор асту дилсӯз аст,
Гар муфт бигзарад рӯз.

## КУҶО ШУД ПИНҲОН ТАФСИ ТОБИСТОН?

Салқин каме ҳаво шуд,
Тафси ҳаво куҷо шуд?
Тафси ҳаво магар рафт?
Чун рафт?
Бар ҳадар рафт?
Тафси ҳаво ниҳон шуд,
Баргӯ, ниҳон чӣ сон шуд?
Пинҳон чаро шуд аз деҳ?
Пинҳон куҷо шуд аз деҳ?
Ҳаргиз машав ту пӯё,[1]
Ҳаргиз машав ту ҷӯё,
Донист хуб бояд:
Ҳар рафта пас наояд.
Тафси тамузи тафсон
Рафт аз бари кӯҳистон,
Дар пушти кӯҳсорон
Оҳиста гашт пинҳон,
Вақташ, ки бар сар овард,
Тарки диёри мо кард.
Ҳар кор буд, адо шуд,
Ҳар кор буд, баҷо шуд.
Аз хидмати писандаш,
Аз ҳиммати баландаш,
Бар мо нишонае монд,
Гармо нишонае монд.
Берун баро зи хона,
Бингар бар ин нишона:
Дар шохаи дарахтон
Бар меваи фаровон,

[1] Пӯё – давон равона (дар ҷустуҷӯи чизе), ҷӯянда.

Дар ҷӯяҳои полез
Бар ҳосили диловез,
Дар киштаҳои ангор
Бар хӯшаҳои пурбор,
Дар саҳни марзи деҳқон
Бар пахтаи шукуфон…
Тафси ҳаво куҷо шуд?
Ҷо байни ризқи мо шуд!
Он чӣ нишони гармост,
Соле тамом бо мост.

## САБЗДЕҲ

Офтоб аз теға чун сар мекашад,
Теға аз зар банд бар сар мекашад,
Сабздеҳ бо ташнаҳолии зиёд
Нурро пеш аз ҳама дармекашад.

Хона – рӯйи хона,
Рӯйи бом – бом,
Ин яке бом, он яке саҳни тамом,
Гар баройӣ тори боме, мехӯрад
Дакка сар бар осмони нилфом.

Чашм дӯзӣ аз сари санге агар,
Водие сурат кашад пеши назар,
Бо раҳу бероҳаю каҷроҳае,
Бо талу зовияю кӯҳу камар.

Обаке монанди шири хушгувор
Печ-печон мерасад аз бурсзор.
Рӯй-рӯйи сангҳо ҷо додааст
Пасту боло деҳаро андар канор.

Зеҳ занад вақти ғурубаш офтоб
Бар ситеғи кӯҳ аз зар нуру тоб,
Сабздеҳ баъди ҳама ҷойи дигар
То саҳаргоҳаш гуселонад ба хоб.

Сабздеҳ бо пирях ҳамсоя аст,
Сабздеҳ бо қуллаҳо ҳампоя аст,
Гарчӣ дур афтода аз чашми ҷаҳон,
Бо ҳама рӯйи ҷаҳон якҷоя аст.

## МУТТАКО

Кӯҳҳо хомушанд чун пирон,
Кӯҳҳо сахт кардаанд сукут.
Қисса гӯянд бурсҳои дароз
Бо ҳам аз дидаю шунидаи худ.

Чашмаҳо – мутрибони рӯҳафзо,
Зери лаб нағма мекунанд эҷод,
Байни шохи дарахту чоки кӯҳ
Гум кунад роҳи хештанро бод.

Дида дӯзад ба рӯйи сабзи дара,
Офтоб аз бари ситеғи баланд,
Бар сари сабзаи чу мӯйи бара
Чакад аз чашми чашма оби чу қанд.

Пушти ҳам пушти пушта такя зада
Хонае чанд сурати лона.
Манзаре нури чашму тоби дил аст,
Манзили мову туст ҷонона.

Бо талу бурсу тармаву обаш
Ҷой дар ҷойи ҷони мо дорад.
Деҳа дорему муттако дорем,
Мисли мо деҳа муттако дорад.

## КӮРАРОҲ

Борик асту каҷмакаҷ чун роҳи мор,
Дар бари кӯҳу сари тал хуфтааст.
Бигзарад аз зери сангу рӯйи хор,
Хору гул рӯйи раҳаш бишкуфтааст.

Кист он, ки бори аввал кашф кард,
Пай заду рӯ бар раҳи мақсад ниҳод?
Бори аввал аз канораш раҳ сипард,
Пай заду бар дигарон пайраҳ кушод?

Ёд н-орад,
Мениҳад умрест сар
Пеши пойи роҳҷӯю раҳгузар,
Пир ҳамчун кӯҳҳои пирасар,
Пир ҳамчун чашмаҳои беғубор.

Гаҳ нишебу гаҳ хаму гоҳе фароз,
Паҳн не чун шаҳраҳу ҳамвор нест.
Раҳравонро раҳнамою чорасоз,
Бо савори мошин ӯро кор нест.

Сабза пинҳон кай кунад рӯйи варо?
Бо кафи дасташ куҷо пӯшад хазон? –
Аз бараш шому саҳар дар рафтуо
Селаи кабку қатори оҳувон.

Пай супоранд аз бараш харгӯшакон,
Раҳ равад бо хорпуштак хорпушт.
Гургу рӯбаҳ дар бараш ёбад макон,
Хирси хобӣ мениҳад пойи дурушт.

Он якеро мекунад сӯе гусел,
Он якеро боз гирад пешвоз.
Ҳамчуноне буд беному нишон,
Монад он сон дар паноҳи кӯҳ боз.

## КАЙҲОНИ МАН

Гаҳвораам ҷунбонд деҳ,
Дар мактабам хононд деҳ.
Во чун кунам тори гиреҳ,
Чун модарам фаҳмонд деҳ.

Бе модарам, чун модарам
Омӯхт лафзи модарӣ.
То бар фалак осон парам,
Болам бубахшиду паре.

Рафт аз сарам гар модарам,
Обаш ба ҷойи шир шуд,
В-аз меваащ чашми тарам
Ҳам хушк шуд, ҳам сер шуд.

Дасти муҳаббат бар сарам
Ҳамсояи кампир монд,
Ҳар наврасида – додарам,
Фарзанди ҷон ҳар пир хонд.

Хокаш ба ҷойи марҳаме
Шуд рӯйи захми дасту по,
Бодаш рабуд аз сар ғами
Озурдаҷонии маро.

Кардам ба роҳи ростон
Роҳи раҳомӯзаш равон,
То нек бошам дар замон,
Некӣ кунам бар одамон...

Пас мушти хоку санг нест,
Ин деҳа кайҳони ман аст!
Онро дигар ҳамсанг нест,
Момиi беҳ аз ҷони ман аст!

## ДАРАХТОН

Таконе дасти сарди бод
Ба сахтӣ шохаҳоро дод,
Хазон аз шохи хоболуд
Ба рӯйи хушки хок афтод.

Ҷудо хушкидабарге шуд,
Ки рӯзи гарми тобистон
Танашро чун сипар медошт
Дами теғи тафи сӯзон.

Сабук шуд шохи боровар,
Тунук шуд ҳусни рӯйи боғ,
Аз ин пас боғ мегардад
Нишеман аз барои зоғ.

Дарахтон гарчӣ меҷунбанд,
Ҳама дар хоби нӯшинанд,
Баҳори сабзсиморо
Дарахтон хоб мебинанд.

# ШАМОЛ

Дар деҳ шамоли тирамоҳ
Аз субҳ бозӣ мекунад,
Сӯйи ба сӯю раҳ ба раҳ
Хуш асптозӣ мекунад.

Девору дарро мезанад
Бо мушти сардаш беибо,
Монанди гурге медиҳад
Пайваста аз мӯрӣ садо.

Шохи баланд аз шиддаташ
Хам мешавад сӯйи замин,
Ҳар бор чун бобои ман
Бар хок мемолад ҷабин.

Пешу қафо созад ҷудо
Аз шохаҳо бори пасин,
Мӯйи ба ҳам печидааст
Беди паси боми хасин.

Хору хазонро чидааст
Ранги ғарам болои ҳам,
Дар роҳ марди раҳгузар
Душвор бардорад қадам.

Мехоҳад, осон салларо
Аз сар барад чун барги коҳ,
Бозӣ ба бозӣ ҷомаро
Дар тан дарад дар рӯйи роҳ.

Қамчӣ ба аспаш мезанад,
Ояд садояш аз ҷибол[1]…
Ҳусне надорад тирамоҳ
Бе ҳазлу бозии шамол.

---

[1] Ҷибол – кӯҳ

## ТАҒОБИЁРАК

Бар рӯйи каф омад маро
Бо бӯйи гул, бо бӯйи хор,
Гуфтам: – Пари худро кушо,
Рав, рав, тағоямро биёр.

То нӯги дастам монд по,
Пас боли худро боз кард,
Бо як шитобе бар ҳаво
Аз дасти ман парвоз кард.

Аз рӯйи ҷӯ бигзашту роҳ,
Аз соҳили дарё гузашт,
То хубтар кардам нигоҳ,
Аз доман саҳро гузашт.

Ҷойи тағоям дури дур,
Ӯ сокини кӯйи дигар…
Шояд равад то кӯҳи Чур?
Шояд барад аз ман хабар?

## УҚОБ

Дар осмон пар мезанад,
Бар осмон сар мезанад.
Аммо ду чашми тезбин
Бо меҳр дӯзад бар замин.
Хоҳад, ки бинад хубтар
Рӯйи диёри гулбасар,
Сер аз тамошояш шавад,
Аз теға болотар равад.
Савти хуше аз осмон
Бар гӯш ояд ҳар замон:
«Ҷое дар ин дайри куҳан
Беҳтар набошад аз Ватан».

## МУСИЧА

Ҳар саҳар аз пушти дар
Мусича ово диҳад,
Дон модарам ҳар саҳар
Дар пушти дар мениҳад.

Қум-қуме пур аз сурур
Аз зери айвон ояд,
Дондеҳашро ташаккур
Гӯяд мусича шояд.

Мусича хушдимоғ аст,
Як коса дона дорад.
Дар чашми модари ман
Хурсандӣ хона дорад.

## ҚУ

Толоб нилтоб аст,
Қу андаруни об аст,
Дар ҷойи худ наҷунбад,
Тавре, ки гӯйӣ хоб аст.

Не чашм медавонад,
Не бол мефишонад,
Бар оби сарду сокин
Не нӯл мерасонад.

Як шаҳр мешитобад,
Як шаҳр чора кобад,
То аз азоби гармо
Мӯе амон биёбад.

Хоке, ки зери пояст,
Чун лахчаи баҷояст.
Оташ ҳаво гирифта,
Гарм аз саҳар ҳавояст.

Ҷуро на ғам, на парво
Аз таффу тоби гармо.
Дар об менишонад
Тафси дили ҳаворо.

## СУРЕ БАПО ШУД

Гамбуск хеле кор кард,
Болои тал шудгор кард.

Ҳамсояҳо шодон шуданд,
Ҳар сӯ ҳама тозон шуданд.

Хон сӯзанак наздаш кушод,
Нон сӯзанак наздаш ниҳод.

Гаҳвораҷунбон чойи гарм
Оварду тарҳалвои нарм.

Ору биёвардаш асал,
Суре бапо шуд рӯйи тал,

Баски барои хонадон
Гамбуск шуд ёрирасон.

Бори нахустин кор кард,
Болои тал шудгор кард.

## ХОНА – ПУРИ ДОНА

Мӯрча рӯзи тамом
Бор кашон-кашон кард,
Аз субҳ то дами шом
Пур хамбаро зи дон кард.
Дон ризқи хонадон аст,
Серӣ зи рӯйи дон аст.

Болои ҳам рахти дон
Бор шуду баста шуд,
Аз раву о, гиру мон
Мӯрчаяк хаста шуд.
Мӯрча бемиён шуд,
Оби рухаш чакон шуд.

Мӯрчагон – баччагон,
Дар ҷо яке барҳаво
Соз аз барои модар
Карданд дилнишин ҷо.
То каме роҳат кунад,
Хуш истироҳат кунад.

Чобук ҳар сӯ давиданд,
Обаш оварданду нон,
Бодом оварданду қанд,
Назди модар рӯйи хон.
Боз омад оши палав
Аз дони шолии нав.

Зери сояи сада,
Пеши як села фарзанд,
Мӯрча паҳлу зада,
Мӯрча хеле хурсанд.
Ҳар коре, ки ҳалол аст,
Роҳаташ бемалол аст.

## ГУМКАРДАРО ЁБАД АСО?

– Касро мадеҳ беҳуда ғам,
Боз о, куҷо рафтӣ қалам?
– Ҳаргиз маҷӯ, аз хона рафт,
Дар нӯлаки бедона рафт.
– Рустӣ куҷо, эй дафтарам,
Рафтӣ зи болои сарам?
– Он ҳам наояд, дур рафт,
Дар рӯйи боли ҷӯр рафт.
– Ин ҷо будӣ то вақти хоб,
Пинҳон куҷо гаштӣ, китоб?
– Он ҳам наояд, сор бурд,
Бар домани кӯҳсор бурд…
Он як китобу як қалам
В-он дафтаре медод ғам,
Монданд бар аҳволи худ,
Рафтанд, илоҷе чун набуд.
Чунки Асо вақти зиёд
Аз танбалӣ диққат надод.
Акнун, ки мекобад Асо,
Гумкардаро ёбад Асо?

## ГУЛРӮ ПАЙ БУРД?

Гулрӯ ба даҳ по мениҳад,
Ғам модарашро медиҳад.
          Бе модараш Гулрӯ саҳар
          Аз дар намонад по бадар.
Мактаб равад Гулрӯйи ҷон,
Дар дасти модар ҷузвдон.
          Ҳайрону пурсон марду зан:
          – Шогирд кист аз ин ду тан?

Дирӯз пири кӯчарӯб,
Чун дидашон, хандид хуб:

– Гӯед, ҷойи айб нест,
Мактабрави ин хона кист?

Ин ҷузвдони модар аст?
Ё ҷузвдони духтар аст?

Аз шарм Гулрӯ даргирифт,
Ранги гули абҳар[1] гирифт.

Аз дасти модар ҷузвдон
Бигрифту тозон шуд равон.

Дар раҳ дигар нашмурд пай,
Оё ки Гулрӯ бурд пай,

К-ин одаташ матлуб нест? –
Озори модар хуб нест.

## ГУНОҲИ КИСТ?

Ниҳоли сабзи раҳро канд,
Ба сардӣ рӯйи раҳ афканд.
Кӣ канд онро?
Худи Исо
Ва ё дастони Исо канд?

Қадам Исо зад аз гулзор,
Таги по шуд гули бисёр.
Аз Исо ё зи пойи ӯ
Гулу гулзор дид озор?

Ду тан ҳамсинф гирён аст,
Ба ҳам дасту гиребон аст,
Худи Исо намебинад
Ва ё чашмаш, ки хандон аст?…

[1] Абҳар – а) сурх, б) ёсуман, в) наргис, г) чашм

Агар гӯйӣ гуноҳашро,
Барад сӯе нигоҳашро,
Нагардад бар гунаҳ иқрор
Забонаш, ё худи Исо?

Кӣ мегӯяд, гуноҳи кист:
Гуноҳ аст аз худи Исо,
Гунаҳкоранд ё ӯро
Забону чашму дасту по?

## НАҚЛИ КӮТОҲИ ҚАДИ ДАРОЗ

Дина дидам як одам,
Як одами қаддароз,
Чун дидам, шуд даҳонам
Аз ҳайрат, ҷӯраҷон, боз.

Мисли ӯ, бикун бовар,
Қадбаланде кам дида,
По рӯйи хок асту сар
Бар осмон расида.

Сӯйи шаҳр аз роҳи дашт
Бо шаст омаду шитоб.
Аз об вақте гузашт,
Чаппа шуд маҷрои об.

По ба раҳ монад, сараш
Бархӯрад бар пардабом,
Ман хадраам[1] дар бараш,
Ӯ – як шамшоди тамом.

Даҳ газ ӯро ҳар қадам…
Тавсифашро кунам боз?
На! На! Кӯтаҳ мекунам,
Нақли ман ҳам шуд дароз.

---

[1] Хадра – шохаи ток

## БОВАР БИКУН!
*(Чигилак)*

Дунё аҷиб асту ғариб,
Бовар бикун, ҳайрон машав,
Саҳронишин шуд андалеб,
Кӯҳгард шуд мурғи титав.

Бузғола машғули дарав
Ваҷти қиёми офтоб,
Зери шипанги бодрав
Буз дода сар бар дасти хоб.

Дар дасти харгӯшак асо,
Гург аст андар чорхез,
Аз тарси ҷон гурги ало
Рӯ оварида бар гурез.

Аз пушта як пуштора дон
Дар пушти рӯбаҳ гашта бор,
Сарбории бори гарон
Мурғи кулангии чипор.

Болои хона ҷойи саг,
Ҷойи пишак – паҳлӯи дар,
Дар ҷойи саг дарро пишак
Бонӣ кунад шаб то саҳар.

Аз дашт сӯйи кӯҳсор
Оби равон раҳ мекашад,
Кӯлу пасоби бешумор
Раҳ то дари маҳ мекашад.

Дар дил надорад ғук ғам,
Дигар наметарсад зи мор,
Аз шомгаҳ то субҳдам
Кораш шикор асту шикор.

Боз ин гапи навро шунав,
Сабзид тут аз тухми себ…
Бовар бикун, ҳайрон машав,
Дунё аҷиб асту ғариб.

## БАРОИ ЧӢ?

Аз саволи беҷавоб
Калаам омад ба дард:
Барои чӣ сабза сабз?
Коҳ барои чӣ зард?

Хок сусту мулоим,
Санг барои чӣ сахт?
Барои чӣ хам доим
Шохи пурбори дарахт?

Барои чӣ шаб торик!
Барои чӣ равшан рӯз?
Барои чӣ мепазад
Мева танҳо дар тамуз?

Абри беболу бепар
Барои чӣ паррон аст?
Барои чӣ тори сар
Фақат як осмон аст?

Барои чӣ даркор аст
Ба одам фикру хаёл?…
Барои чӣ бисёр аст
Дар каллаи ман савол?

## БИНШАСТААМ…

Фикре наоянд бар сарам,
Биншастаам, кӯру карам,
Ҳушам наёяд ҳеҷ ҷамъ,
Ҷонам бисӯзад мисли шамъ.
Дар хеш печам аз алам,
Аз даст меафтад қалам,
Аз карда ҳастам дар азоб,
Бар даст чун гирам китоб?
Такрори дарсам чун кунам?
Баргӯй, чун акнун кунам?
Аз хулқи ношоёни ман
Ранҷид модарҷони ман.
Хезам, ба назди модарам
Узри дили худро барам.
Гӯям ба чашмони тарам:
«Модар, туро хоҳишгарам,
Пеши ту ҳастам узрхоҳ,
Ин бор бигзар аз гуноҳ.
Савганд бар номат хӯрам,
Дигар набидҳам ҳеҷ ғам.
Гӯши ту дигар нашнавад
Аз хулқи ман як ҳарфи бад.
Гар бишнавад, эй меҳрубон,
Бар ту наям фарзанди ҷон!» –
Шояд ғами модар равад,
Шояд гунаҳфарсо шавад.
Гуфти маро орад ба ҷо,
Бахшад яке ҷурми маро.
Аз нав ба дил ояд қарор,
Корам зи нав гирад барор…
Фикре наёяд бар сарам,
Биншастаам, кӯру карам.

## АРЧА, ҶОН АРЧА

Арча, арча, ҷон арча,
Зеби зимистон, арча.
Мо меҳмони ту ҳастем,
Ту моро меҳмон, арча.
Мо бо ту ғазалхонем,
Мо бо ту рақсон, арча.
Умре дар ёди мо мон
Сабзу чароғон, арча!

## РИЗҚИ ФАРОВОН

Барф омаду барф омад,
Як барфи шигарф[1] омад.

Шуд боғ пур-пури барф,
Шуд роғ пур-пури барф.

Гунҷишкакон рамиданд,
Аз шохаҳо париданд.

Бобоям шодон шуданд,
Додоям шодон шуданд.

Ба киштаҳо ҷон омад,
Ризқи фаровон омад.

## ЗИМИСТОН ДАР КӮҲИСТОН

Фавҷи нуқраболи барф
Сӯйи кӯҳистон омад,
Бо як шитобу шигарф
Фасли зимистон омад.

[1] Шигарф – а) калон, бузург б) дилпазир, зебо, в) ҳайратангез, камчин.

Дар кӯҳистон ба чӯпон
Соати имтиҳон шуд,
Бояд гирад имтиҳон,
Муаллим зимистон шуд.

Ақли ӯро, осон аст,
Месанҷад беш аз ҳама.
Вобастаи чӯпон аст
Сарнавишти як рама.

Кӣ қобил асту доно?
Кӣ танбал асту нодон?
Зимистон диҳад баҳо
Дар айёми баҳорон.



## СЕ ДӮСТ

Се дӯст,
Се тан раҳнавард,
Се кӯҳшиносу кӯҳгард,
Се роҳбину гомзан,
Гамбуску Мӯру Тортан,
Вақти сафар,
Зери камар,
Диданд рӯйи роҳ ҷар.
Селоби тунди зӯрдаст
Як ҳисса раҳро бурдааст.
Чун бояд аз селобканд
Се дӯст акнун бигзаранд?
Шиштанду бо ҳам дам заданд,
Чун кӯби раҳ барҳам заданд,
Мисли се чусти корбанд
Бар остинҳоро заданд.
Гамбуск шох оварду Мӯр
Ҷо кард дар ҷойи убур.
Бо тор дар як дам задан
Барбаст маҳкам Тортан.
Коре, ки дил мехост, шуд,
Болои ҷар пул рост шуд.
Се дӯст,
Се тан раҳнавард,
Се кӯҳшиносу кӯҳгард,
Се роҳбину роҳдон,
Шодон бишуд бар раҳ равон.
Аҳл аст ҳампоят агар,
Саҳл аст сахтии сафар.

## КОРИ МУРОСО НАШУД

Мӯрчае дона кофт,
Мӯрчае дона ёфт.

Ҳар ду ба вақти сафар
Гашт яке ҳамназар.

Дона, ки як дона буд,
Дона, ки буд чун нахӯд,

Роҳи гузар баста буд,
Мӯрчаяк хаста буд,

Зери арақ буду об.
Мӯрчаи донакоб.

Хост, ки ёрӣ кунад,
Коргузорӣ кунад.

Бурд сӯйи дона даст,
Мӯрча роҳаш бубаст.

Дӯхт нигоҳи малол
Ҷониби ӯ бо суол:

«Дона, ки моли ман аст,
Чун барӣ бар дона даст?

Дона биёбӣ, ба дон
Даст пас аз он расон!»

Мӯрчаи донабар
Рафт ба фикри дигар.

Мӯрчаи донаҷӯ
Ранҷа шуд аз гуфти ӯ.

Ҷангхар аз дон шуданд,
Мушту гиребон шуданд.

Чӯҷаяки раҳгузар
Гашт зи дон баҳравар…

Ҳарф, ки якто нашуд,
Кори муросо нашуд.

## АШКИ МОҲ

Офтоби тамуз тафсон шуд,
Хок дар зери пой сӯзон шуд.
Сабзаи тар, ки буд дилозурда,
Гашт аз гармсер пажмурда.
Хушк шуд коми сабзи гул бе об,
Об шуд нӯшдоруи ноёб.
Нолаю оҳи сабзаҳои бадард
Рафт то гӯши моҳи танҳогард.
Моҳ берун чу омад аз хона,
Ашкро кард чун гуҳар дона.
Дона-дона ба рӯйи сабза бирехт,
Бо лаби хушки сабзаҳо омехт.
Боз ҳусне ба гулситон омад,
Бар тани рӯҳрафта ҷон омад…
Аз ҳамон рӯзи сахт то ба ҳанӯз,
Ҳар саҳар чашм чун кушояд рӯз,
Нами шаб рӯйи сабза ғелон аст,
Нам наяст,
Ашки моҳи тобон аст.

## БУЗҒОЛА БЕСАРӢ КАРД

Бузғола бесарӣ кард,
Хез ба лаби ҷаре кард,
Ба пойи бора афтод,
Болои хора афтод.
Шохаш шикастаи санг,
Пояш шикасту шуд ланг.
Бо шохаки шикаста,
Бо пойи латтабаста,
Дар кунҷи хона хоб аст,
Дар оташу дар об аст.

Буз дар бараш нишаста,
Ҷонест сахт хаста,
Мӯест байни оташ,
Бо хотире мушавваш.
То рӯз аллааш гуфт,
Бо сӯз аллааш гуфт.
То рӯз шишт бедор
Чун посбони бемор…
Бузғола бесарӣ кард,
Бузғола ҷарпарӣ кард,
Модар-ш дар азоб аст,
Коре магар савоб аст?

## ОФТОБ, ЭЙ ОФТОБ!

Офтоб, эй офтоб,
Куҷо мекунӣ шитоб?
Чолоку давонастӣ,
То куҷо равонастӣ?
Хона дар куҷо дорӣ?
Бачча мисли мо дорӣ?
Дар куҷо меравӣ хоб,
Офтоб, эй офтоб?

Тани танҳо меоӣ,
То куҷо раҳпаймоӣ?
Чанд ағбаро гузаштӣ?
Хаста оё нагаштӣ?
Дорӣ қанду нону об,
Офтоб, эй офтоб?

Бо пайраҳи кӯҳистон
Аз паят ҳастам равон,

Хонаатро мекобам,
Хонаатро меёбам,
Дар хонаат мехобам,
Рӯ аз раҳ наметонам,
Сӯйи ту дорам шитоб,
Офтоб, эй офтоб.

## ОСТОНА

Аз домани дар
Сар мешавад кӯҳ,
Кӯҳе, ки сабз аст
Бо бурси анбӯҳ.

Аз пушти он кӯҳ
Кӯҳест дигар,
Кӯҳе, ки дорад
Сад чашма дар бар.

Аз пушти он кӯҳ
Кӯҳе камаркаш,
Кӯҳе, ки борад
Аз сина оташ.

Аз пушти он кӯҳ
Кӯҳе зи барф аст,
Бо барфи симӣ
Хеле шигарф аст.

Аз пушти он кӯҳ
Кӯҳест, шояд
Аз тори ин кӯҳ
Андак намояд:

Бо кӯрароҳаш,
Бо сабзазораш,
Бо сангрезаш,
Бо обшораш.

Кӯҳ аз пайи кӯҳ,
Кӯҳ остон аст,
В-ин остона
То осмон аст.

## ЯККАБУРС

Хат мекашад гаҳ ошкор,
Гоҳе ниҳон чун пойи мор,
Печида раҳ аз зери дар
То теғаи кӯҳи қатор.

Он ҷо, ки бурси пирасар
Дар теға тоқ афтодааст,
Кӯҳ аст бому яккабурс
Мисли равоқ афтодааст.

Паррандаҳои раҳгузар
Даври сараш пар мезананд,
Бурс аст чун меҳмонсаро,
Дармондаҳо дар мезананд.

Он сӯйи бурси паҳншох –
Зовияву кони зуғол,
Дар ҳар хамӣ як беша аст,
Як осиё оби зулол.

Болотар аз он қуллаест –
Чун пойгоҳи Каҳкашон,
Шояд аз ин ҷо хубтар
Бинӣ хаму печи ҷаҳон?

Шояд аз ин ҷо сар шавад
Роҳи шикӯҳи дигаре,
Печон сӯйи пойин равад
То зери домони даре?

## ЯК ДАРА ПУР АЗ САДО

Об магар мепарад?
Об оё пар дорад?
Як дара пур аз садост,
Як дара шар-шар дорад.
Хушк лабони ёла,
Соҳил лаби тар дорад.
Тӯри хушранги обӣ
Сабза тори сар дорад.
Кабки маст аз сози об
Қақра рӯйи ҷар дорад,
Саҳар бар ин манзара
Аз теға саҳар дорад.

## ДАР ЗЕРИ КӮҲИ КАЛОН

Дар зери кӯҳи калон
Чашмаи калоне ҳаст,
Зери чашмаи калон
Бурси паҳлавоне ҳаст.

Зери бурси паҳлавон
Харгӯшак хона дорад,
Дар шохи бурси калон
Булбулак лона дорад.

Харгӯшак бача дорад,
Шаш бачаи дилрабо,
Булбулак чӯҷа дорад,
Шаш чӯҷаи хушсадо.

## РАФТАМ НАЗДИ БОБОЯМ

Давидаму давидам,
Нимарӯзӣ расидам,
Деҳи бобома дидам,
Акси онро кашидам.
Кӯҳи деҳа пурарча,
Заминаш парча-парча.
Обаш шаффофи шаффоф,
Осмонаш софи соф.
Хонаҳояш зери шах,
Шаххҳояш дар зери ях.
Яххҳояш яххҳои пир,
Ҷойи чарои нахчир.
Овезон баъди борон
Мегардад рангинкамон,
Як сараш дар шаршара,
Як сараш дар подара…
Давидаму давидам,
Нимарӯзӣ расидам,
Деҳи бобома дидам,
Акси онро кашидам.
Ин сон як деҳи зебо
Боз бошад дар дунё?

## ДЕҲИ МО

Бо хандаи офтоб
Деҳа мехезад аз хоб.
Дарҳояш чун шавад боз,
Пур мешавад аз овоз.
Дар синаи танги кӯҳ
Бинӣ дунёи шукӯҳ.

Хонаҳо пасту баланд
Рӯйи ҳам истодаанд.
Ранги бору сарборанд,
Болои ҳам саворанд.
Пушт ба ҳам ниҳода,
Китф ба китф дода,
Аз рӯйи оби равон
То кӯчаи Каҳкашон....
Дар мағзи кӯҳсорон
Бар ҳамдигар, чун инсон,
Такя хонаҳо доранд,
Бо такя бақо доранд.

## МОДАРАМ

– Маро саҳар кӣ хезонд?
– Модарам!
– Кӣ сӯйи оби ҷӯ хонд?
– Модарам!
– Кӣ майда бофт мӯям?
– Модарам!
– Кӣ муччӣ кард рӯям?
– Модарам!
– Кӣ куртаам бипӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ чойи гарм нӯшонд?
– Модарам!
– Кӣ гул ба дасти ман дод?
– Модарам!
– Кӣ мактабам фиристод?
– Модарам!
– Маро кӣ гуфт қобил?
– Модарам!
– Кист ба ман ҷону дил?
– Модарам!

## МОДАРАМ АЗ КОР ОМАД

Модарам аз кор омад,
Монда шудасту хаста.
Мехоҳад, ки дам гирад
Дар кунҷи кат нишаста.

Ку-ку магӯ пеши дар,
Мурғаки шилшилапо!
Ав-ав накун ин қадар,
Алмоси гапнодаро!

Вақти мияв-мияв нест,
Гурбаяки бехабар!
Шақ-шақи худро бас кун,
Шақшаққаи алопар!

Намебинӣ, қарорам,
Нидо намебарорам,
Бо зочаи гулдорам
Ҳатто бозӣ надорам.

Ин соат оби ҷӯбор
Бояд садо барорад,
Бӯйи гулу бӯйи хор
Ба модарҷонам орад.

Шамолаки гулафшон
Бубояд алла гӯяд…
Хулбӯйи тар бичинам,
Модарҷонам бибӯяд.

Модарам аз кор омад,
Монда шудасту хаста.
Мехоҳад, ки дам гирад
Дар кунҷи кат нишаста.

## МАРО ТАНБАЛ НАГӮЕД

Танбал маро нагӯед,
Ҳарфи ноҷо нагӯед,
Ки ман акнун қобилам,
Бар ин гап муқобилам.
Баччаи гапдароям,
Аз гап намебароям.
Намегурезам аз кор,
Дар кори хона – тайёр.
Ҷорӯбам ҳамроҳи ман,
Ҷорӯбам гувоҳи ман.
Аз хона бо ҷорӯбам
Танбалиро мерӯбам!



## ТАРОНАИ ГУНҶИШКАК

Офтобак аз пушти кӯҳ
Чун кулча рӯ намояд,
Аз навдаи сабзи бед
Гунҷишкак месарояд:

Шоми зулмонӣ гузашт,
Субҳи дилафрӯз омад,
Рӯзи беҳе аз имрӯз
Ҳамраҳи Наврӯз омад.

Пойи печидаро барф
Берун кашид аз ёла,
Домони пуштаҳо шуд
Ҷое барои лола.

Шоми зулмонӣ гузашт,
Субҳи дилафрӯз омад,
Рӯзи беҳе аз имрӯз
Ҳамраҳи Наврӯз омад.

Вақт насиби мо шуд,
Мавҷ зан, обаки рӯд!
Сӯйи ҳар дару ҳар кӯй
Бубар паёму дуруд!

Шоми зулмонӣ гузашт,
Субҳи дилафрӯз омад,
Рӯзи беҳе аз имрӯз
Ҳамраҳи Наврӯз омад.

## БАРОИ ТУ, БАРОИ МАН

Пагоҳи Наврӯз,
Субҳи дилафрӯз,
Ҳадя бигир,
Ҳадя бидеҳ,
ҷонакам, имрӯз.

Ду ғунчаи гул,
Ду зеби кокул,
Якташа гир,
Якташа мон
барои Сунбул.

Ду пораи қанд,
Қанди Самарқанд,
Якташа гир,
Якташа мон
барои Хурсанд.

Ду ноки хушбӯ,
Ноки Сари ҷӯ,
Якташа гир,
Якташа мон
барои Гулрӯ.

Дар таки айвон –
Ду тӯби ғелон,
Якташа гир,
Якташа мон
барои Сомон.

Дар шафати дар –
Ду баста дафтар,
Якташа гир,
Якташа мон
барои Довар.

Себу анорак,
Кулча қаторак,
Барои ту,
Барои ман –
Ид муборак!

**АБР ОМАД**

Аз ин тараф абр омад,
Аз он тараф абр омад,
Абри мисли бабр омад,
Тунд омад, ситабр омад,
Фурӯ хуршедро бурд.

Оташ гирифт абри тар,
Пур шуд фазо аз шарар,
Сум кӯбиду шиҳа кард
Мисли асп абри тундар,
Ҳуши маро ҳаво бурд.

Аз бими ҷон ворастам,
Дар аз рӯям набастам,
Дасти тоқат дар дастам,
Дар кунҷи дар нишастам,
Борон ҷӯро дарё кард.

Чобук омад яке бод,
Чун шер омад ба фарёд.
Силӣ зад абрҳоро,
Пушти пушта ҳаво дод,
Хуршедро раҳо кард.

## ҚОРЧ

Ханда мезанад тундар,
Резаборон меборад,

Об аз кокули сабза
Қатра-қатра мешорад,

Абри борон доманро
Аз пушта меғундорад,

Аз зери домани абр
Сар қорч мебарорад,

Ё осмон ситора
Дар пуштаҳо мекорад?

## ОБИ РАВОН

Оби равон,
Давон-давон,
Бозикунон,
Шодикунон,
Биё, биё,
Аз паси ман,
Қафо намон,
Оби равон!

Боғ барам ҷӯйи ба ҷӯ,
Майда кунам мӯйи ба мӯ.
Себ хӯрад, нок хӯрад,
Биҳӣ хӯрад, ток хӯрад,
Тути хами хона хӯрад,
Анори бедона хӯрад,
Қад кашаду бор диҳад,
Меваи бисёр диҳад.
Ман хӯраму калон шавам,
Мардаки боғбон шавам!

Оби равон,
            Давон-давон,
Бозикунон,
            Шодикунон,
Биё, биё,
            Аз паси ман,
Қафо намон,
            Оби равон!

## ШОХА

Шоха мададгори кас,
Шоха дасти дароз аст.
Сад мушкил осон кунад,
Маҳрами дасти боз аст.

Коре чун марди деҳқон
Дар ҳар қадам мекунад:
Чусту чолок алафро
Шоха ғарам мекунад.

Дарза-дарза аз ангор
Гардумро мебардорад,
Даста-даста беозор
Сӯйи хирман меорад.

Хирманро мекунад бод
Рӯзонаву шабона,
Шоха ҷудо мекунад
Каҳро осон аз дона.

Гар шоха нагардонад,
Аз пахта нам меравад?
Бе шоха кӯҳи пахта
Боло магар мешавад?

Марди деҳқон медонад
Бо шоха шасти худро.
Биё, бо шоха санҷем
Зӯри ду дасти худро.

## КАЛБУЗ

Калбуз бузи кал набуд,
Шохе дар фарқи сар дошт,
Бо шохи зебои худ
Савлату карру фар дошт.

Озоре сахт медод
Вақти чаро бузҳоро,
Ҷангара буду мезад
Оромиро пушти по.

Бо таккае забардаст
Кашмакаш рӯйи тал кард,
Шохаки худро шикаст,
Нофармон худро кал кард.

Афти хубаш бадал шуд,
Нозеб аз ин амал шуд,
Шаҳбузи хушсурат буд,
Бузи одии кал шуд.

## ГУНҶИШКАКОН

Дар шохаҳо чун баргҳо
Гунҷишкакон биншастаанд,
Гунҷишкакон дар шохаҳо
Чун баргҳои бастаанд.

Гунҷишкакон дар шохаҳо
Чун баргҳо кам мешаванд,
Дар шохаҳо чун баргҳо
Гунҷишкакон зам мешаванд.

Пешу қафо пар мезананд
Аз шохаҳо бар шохаҳо,
Резанд аз тори ҳаво
Чун баргҳо пешу қафо.

Баъди зимистон медамад
Субҳи баҳори гулфишон,
Ид асту бозӣ мекунанд
Гунҷишкакон чун кӯдакон.

## МӮРЧА

Оромие надорад,
Мӯрча банди кор аст,
Бор ба хона орад,
Мӯрча зери бор аст.

Оварад аз роҳи дур
Кашон-кашон донаро,
Донаяки ҳамчу дурр
Зеб диҳад хонаро.

Хам-хами хомаи каҳ
Мӯрчаяк равон аст,
Обу арақ рӯйи раҳ
Аз сару рӯ чакон аст.

Бори ғами зиёд аст
Бурдани ғалладона,
Хаставу лек шод аст –
Дона барад ба хона.

Кор асту мекунад зист,
Кор асту мехӯрад нон,
Нони ҳалоли корист
Ҳузуру роҳати ҷон.

## ЧӢ МЕДИҲАД ДОНАИ ТАР?

– Шақшақаҷон, шақшақаҷон,
Куҷо равӣ?
– Сӯйи камар.
– Сӯйи камар чӣ мебарӣ?

– Донаи чормағзи тар.
– Чӣ мекунӣ ту донаро?
– Руст кунам дар лаби ҷар.
– Дона ба ту чӣ медиҳад?
– Сабз шавад, расад ба бар,
Мева диҳад ба кӯдакон,
Соя шавад ба раҳгузар.

## МУАЛЛИМИ МО

Субҳи дилафрӯз
Бархезад аз хоб,
Чун рӯ намояд
Меҳри ҷаҳонтоб,
Дар саҳни мактаб,
Дар боғи гулпӯш,
Моро бигирад
Бо меҳр оғӯш –
Муаллими мо!
Муаллими мо!

Чини ҷабинаш,
Чини ду рӯяш,
Зебад ба ранги
Чун барф мӯяш.
Қадди баландаш
Гарчи хам имрӯз,
Мисли ҳамеша
Шод асту пирӯз –
Муаллими мо!
Муаллими мо!

Мо аз раҳи ӯ
По мегузорем,
Андарзи ӯро
Дар ёд дорем.
Хоҳем доим
Бошад саломат,
Ҳаргиз набинад
Рӯйи маломат –
Муаллими мо!
Муаллими мо!

## СОҚӢ ВА БОҚӢ

Соқӣ надорад тоқӣ,
Тоқӣ – дар сари Боқӣ,
Пешу пас медароянд
Аз дар Боқию Соқӣ.

Лаб фурӯ баста Соқӣ,
Гӯяд саломе Боқӣ.
– Куҷо шуд саломи қарз,
Гум кардӣ магар, Соқӣ?

Соқӣ ду кисаашро
Чун ду халта мекобад,
Саломашро гум кардаст,
Мекобад, намеёбад.

Боқӣ андар хиҷолат,
Бинӣ мехорад Соқӣ,
Саломи Соқӣ мондаст
Дар хона зери тоқӣ.

## САНДАЛӢ

Дар турми дар чун посдор,
Дар поси худ – сармо, вале
Парво намеояд маро,
Поям – даруни сандалӣ.

Бо кӯрпа пӯшидааст,
Роҳатрасони ҷисму ҷон,
Дар зер – коне аз алав,
Дар рӯй – хоне ҳамчунон.

В-он чор сӯйи сандалӣ
Чун чор сӯйи олам аст,
Холӣ намонад ҳеҷ вақт –
Ҷойи ҳузури одам аст.

Шаб дар занад, пур мекунад
Момо алавдон аз алав,
Ҷо дар яке аз гӯша гир,
Афсонаи момо шунав.

Меҳмони рӯйи сандалӣ
Кочӣ[1] шавад аз субҳгоҳ,
То шомгоҳон сӯйи ту
Сардӣ наёбад ҳеҷ роҳ.

Даҳлез сарду хона сард,
Сардӣ садо бидҳад зи дар,
Гарм аст кунҷи сандалӣ,
Сармо куҷо дӯзад назар?

[1] Кочӣ – атолае, ки аз орду равғану шир мепазанд.

Ҷое чу кунҷи сандалӣ
Бошад дар ин дунё зиёд?
Ёде чу ёди сандалӣ
Оё равад аз лавҳи ёд?

Бо сад мақоме мебаранд
Гармӣ ба манзилҳо, вале
Бо сандалӣ ҳампалла нест,
Холист ҷойи сандалӣ!

## АЛЛАЁ, АЛЛА!

Хоб омаду хоб омад,
Хоб аз лаби об омад,
Бо нури маҳтоб омад,
Аллаё, алла, алла!
Аллаё, алла, алла!

Хирсаки каҷпо хобид,
Гургаки раҳпо хобид,
Ҳар кӣ ҳар куҷо хобид,
Аллаё, алла, алла!
Аллаё, алла, алла!

Шамолак ҳур-ҳур дорад,
Гурбаяк хур-хур дорад,
Хоб асту ҳузур дорад,
Аллаё, алла, алла!
Аллаё, алла, алла!

Мусича намепарад,
Бузича намечарад,
Хоби Фарангис барад,
Аллаё, алла, алла!
Аллаё, алла, алла!

## ҶОНАКАШ ДАР ХАТАР МОНД

Шағолак шикор омад,
Аз зери гулхор омад,
Аз рӯйи девор омад,
Пеши мурғаки парпо
Вақти шоми тор омад.

Мурғак – дар шохи дарахт,
Хобакаш бурда буд сахт,
Бехабар буду карахт.
Шағолак лаб мелесид,
Дар дил мегуфт: «Ё бахт!»

Ду чашмаш – ду мушт алав,
Мекард оҳистаяк рав,
Ки гирадаш бо як дав,
Даҳонаш об медод
Аз дидани сайди нав.

Алопар аз як канор
Сӯйи шағоли айёр
Дошт нигаҳ бо виқор.
Пуштибон буд Алопар
Бар мурғаки беозор.

Шағолак омад башаст
Бар зери шохаки паст,
Ки сайд оварад ба даст.
Аз ҷойи худ бесадо
Алопар ногаҳон ҷаст.

Шағолак бехабар монд,
Ҷонакаш дар хатар монд,
Гурезон рӯ ба ҷар монд.
Нисфи думи шағолак
Дар чанги Алопар монд.

## САБАҚИ МОДАР

Се тани ҷон миёни ҷон буданд,
Дӯстдорони меҳрубон буданд,
Огаҳи ҳоли якдигар буданд,
Модару духтару писар буданд.
Дарс додӣ ба духтару ба писар
Модари ҷонфазою ҷонпарвар.
Ибрате аз ҳалолкорӣ буд,
Як намуна аз устуворӣ буд.
Хост рӯзе аён кунад ба нишон
Тири тарбияташ расида чӣ сон?
Сухане, ки ба духтару ба писар
Модарона бигуфт, дод самар?
Меҳри покаш даруни дил доранд?
Эҳтиромаш ба ҷой меоранд?
Дошт бовар ба ҳақди худ модар,
Хост, бинад қавитар ин бовар.
Як саҳар,
Пеш аз он ки фарзандон
Пок шӯянд рӯ дар оби равон,
Пухт модар ба равғану ҷазза,
Бешу кам не, ду нони бомазза.
Чун гирифтанд давра даври хон,
Нон яке з-он ду монд модари ҷон
Рӯйи густурда хон ба назди писар,
Назди духтар гузошт нони дигар.

Баъд аз он гуфт:
– Азизакони ман,
Бихӯред, ошатон шавад дар тан!
Рафту биншаст дар дигар гӯша,
Рӯ ба рӯйи ду тан ҷигаргӯша.
Назди модар надида нон дар хон,
Гашт ҳайрону шуд писар пурсон:
Нон барояш напухтааст чаро?
Нон нахӯрдан магар ба ӯст раво?
Пеши модар надида нон духтар,
Чашм андохт ҷониби модар,
Нони хӯрдан чаро надорад ӯ,
Беғизо хешро гузорад ӯ?
Нони худ ҳисса кард зуд писар,
Монд нима баробари модар.
Низ духтар ду ҳисса нонаш кард,
Ҳадя бахше ба моми ҷонаш кард.
Аз чунин ҳолу аз чунин рафтор,
Дили модар шуд аз фараҳ саршор.

* * *

Модари мо фурӯғи дидаи мост,
Ҳурмати модар аз ҳама болост.

## ҶӮРА

Ҷӯра фақат ҷӯра нест,
Ҷӯра бародари ман,
Ҷӯра ҷӯраи ҷонист,
Ҷӯра тоҷи сари ман.

Бо Ҷӯра мактаб оям,
Бо Ҷӯра пода поям,
Ӯ ба ману ман ба ӯ
Диламро мекушоям.

Мо ҳамсинфу ҳампарта,
Аҳди ҷӯрагӣ бастем,
Як қавлу як қарор аст
Моро, ҳар ҷо ки ҳастем.

Ҷӯра баҳо надорад,
Ҷӯра не, ҷони одам,
Чун ҷӯрагии мо нест
Дар ҳама рӯйи олам…

Ду ҳафта шуд, ки бе ӯ
Дар деҳ тани танҳоям,
Ҳар рӯзи рафта соле
Метобад аз бароям.

Ҷӯра ба шаҳри Роғон
Пеши додояш рафта,
Ӯ рафтаву раҳпоям
Ман тамоми ду ҳафта.

Ҷӯраҷон, ҷӯраи хуб
Барои кас даркор аст:
Ҷӯра ҷони ману туст,
Беҷӯрагӣ душвор аст!

## МАКТАБИ МО

Ба тори кӯҳу бар домони саҳро,
Ба оғӯши деҳу шаҳри дилоро,
Ба сӯйи чашмаву рӯди мусаффо,
Ба ҳар ҷое, ки таътил бурд моро,
Ту будӣ ҳамраҳи мо.

Даме дар подара гулҳо бичидем,
Ба фарқи кӯҳ чун оҳу расидем,
Ба рӯйи сабзаи навхат давидем,
Ба зери бурсу ирғай орамидем,
Туро ҳамроҳ дидем.

Ту ҳарфи аввали гуфтор будӣ,
Барори тозае дар кор будӣ,
Ба шодии дили мо ёр будӣ,
Ба ёрӣ доимо тайёр будӣ,
Аҷаб ғамхор будӣ.

Зи тори кӯҳу аз домони саҳро,
Чу тифле, ки нагардад сер асло
Зи рӯйи шоду меҳри гарми момо,
Ба наздат омадем, оғӯш бикшо,
Аё, эй модари мо,
Мактаби мо.

## ХОНИ ЭҲСОН

Бо ханда рӯйи худ тофт
Хуршеди тирамоҳон,
Тасвири дигаре ёфт
Маҳбуб Тоҷикистон.

Рухсора шуст дар нур
Себу анори хушбӯ,
Рӯ тоза кард бодом
Бо пистаҳои худрӯ.

Ангур ранг овард
Дар навдаи хами ток,
Чун қанд гашт ширин
Анҷиру олую нок.

Дар ҷўяҳои полез
Бо об нур ҳал шуд,
Харбуза шуд шакаррез,
Тарбуза чун асал шуд.

Хурмои наврасида
Бо шўълаҳо даромехт,
Фарзанди офтоб аст,
Нури ҷаҳон ба ў рехт.

Дар субҳи тоза лимў
Ҳамранги барги тар буд,
Нуре дамид дар рў,
Хушрангу тозатар шуд.

Бо ханда рўйи худ тофт
Хуршеди тирамоҳон,
Бикшод хони эҳсон
Маҳбуб Тоҷикистон.

## ЗИМИСТОН

Ҳавои сард омад, ҷўй ях баст,
Фарози кўҳҳоро абр пўшид.
Шамоли тунд аз машриқ хурўшид,
Ба рўйи бому дарҳо барф биншаст.
Ба ҷойи рўзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

Ба рӯйи теппа шодон мебароем,
Ки рӯйи барфи нав ҳар сӯй тозем,
Ки ҷо-ҷо ҳайкале аз барф созем,
Зи нав васфи зимистонро сароем:
Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

Куҷо дорем мо парвои сармо,
Биборад барф акнун ҳар қадар ҳам?
Ба зери барф монад бому дар ҳам.
Набошад интиҳо шодии моро:
Ба ҷойи рӯзҳои гарму тафсон
Зимистон шуд,
Зимистон шуд,
Зимистон!

## ВАЪДА

Ваъда амри виҷдон аст,
Оинаи эътибор,
Ваъда додан осон аст,
Иҷрои ваъда душвор.

Ваъда чун гапи пухта,
Ваъда гапи тамом аст.
Гапи ту ҷон надорад,
Ваъдаат агар хом аст.

Ваъда додан осон шуд
Барои ҳамсинфонам,

Ваъда моли арзон шуд
Дар синфи мо, ҳайронам.

Ғайрати дарс хондан
Ғайрати мо надорад,
Аз ваъда пурсон шавӣ,
Сари худро мехорад.

Дер ояд мактаб саҳар,
Ваъда медиҳад Далер,
Валекин рӯзи дигар
Дубора ояд ӯ дер.

Кори Меҳрубони мо
Гиребон асту мушт аст,
Сад ваъда дод, аммо
Ҳамон мушти дурушт аст.

Ширин духтари ширин,
Айбе дорад – суханчин,
Гуноҳаш шавад таъйин
Ваъда медиҳад Ширин…

Чаро ваъда медиҳӣ,
Агар бовар надорӣ?
Чаро ваъда медиҳӣ,
Вафо агар надорӣ?

Ваъда додан осон аст,
Иҷро карданаш муҳол.
Ваъда сурати нон аст,
Нонро партофтан – убол!

## ШОДӢ Ё ҲОДӢ

Дар як бинои барҳаво,
Андар чаҳорум ошён,
Ҳамсояи якдигаранд
Шодию Ҳодӣ, ҷӯраҷон.

Шодӣ хароби қадбаланд,
Ҳодист фарбеҳи лаванд,
Фардо қадам бар синни даҳ
Ҳар ду баробар мениҳанд.

Шодӣ ба гулҳо резад об,
Хонад гаҳу бегаҳ китоб,
Ҳодӣ вале рӯзи тамом
Дар фикри хӯрок асту хоб.

Шодӣ ба варзиш меравад,
Ҳодӣ қимоб аз номи он,
(Гар номи варзиш бишнавад,
Таб мебарорад дарзамон).

Шодӣ, чу набвад модараш,
Бозӣ кунад бо додараш,
Ҳодӣ намеҷунбад зи ҷо,
Ҳарчанд гиряд хоҳараш.

Ман ҷӯраам бо он яке,
Аз ҷӯраҳои қадрдон,
Оҳиста гӯй акнун ба ман:
Шодист ё Ҳодист он?

# ЧИСТОНҲО

Чист он ки монанди мушт
Ҳам нарм асту ҳам дурушт,
Бораш ҳамеша хор аст,
Хораш ҳамеша дар пушт?
(Хорпушт)



Лӯб-лӯнда ҳамчун замин,
Рӯ-рӯйи сабза ғелон,
Як худаш бо даҳ нафар
Бозӣ дорад дар майдон.
(Тӯб)

Чист он ки ранг-ранг аст,
Чолоку тезчанг аст,
Дар сурати паланг аст,
Бо мушҳо ба ҷанг аст?
(Гурба)

Ҷома пӯшад сад қабат,
Бо ҷомааш равад хоб,
Ҷомаашро кушоӣ,
Чашмат шавад ҳавзи об.
(Пиёз)

Гунбаде дар сар дорам,
Якдаста мебардорам.
(Чатр)

Баста даҳони танӯр,
Танӯри аз лахча пур.
(Тарбуз)

Ин раҳ чӣ гуна роҳ аст,
То бом аз остона,
Ҳар ҷо хоҳӣ, мебарӣ
Рӯйи ҳавлию хона?
(Нардбон)

Қадаш мисли сафедор,
Зӯри сад мошин дорад,
Мошинаро беозор
Якдаста мебардорад.
(Крани борбардор)



Хона аз пушти хона,
Рӯйи оҳан равона.
Оҳан чӣ гуна оҳан?
Хона чӣ гуна хона?
(Қатора)

Сӯзандони раҳгардон,
Пури сӯзан – сӯзандон.
(Ҷайра)

Чор по дорад чорпо не,
Аз чор ваҷаб боло не.
(Кат)

Давон-давон меравад,
Наъразанон меравад,
Сӯйи қафо ҳеҷ гоҳ
Намекунад ӯ нигоҳ.
(Дарё)

Дар об ҳаргиз
Намешавад тар,
Ҳеҷ нагирад
Дар оташе дар,
Пой гузорад
Бо кас баробар.
(Соя)

На даст дораду на по,
Бо сараш меравад роҳ,
Умри дарози худро
Дар раҳ мекунад кӯтоҳ?
(Қалам)

Мӯмиёи зарди ман,
Доруи сад дарди ман.
(Асал)

Тобистону зимистон
Хӯрокаш донаю мағз,
Дар мағоки дарахтон
Гузорад хонаи нағз.
(Санҷоб)

Хона лаби ҷар дорад,
Шона паси сар дорад,
Ранге аз тирукамон
Рӯйи болу пар дорад.
(Шонасарак)

Мегиряд, чашмонаш ку?
Механдад, даҳонаш ку?
(Абр ва раъд)

Танӯре пури оташ
Тори ҳаво мепарад,
Нигаҳ кунӣ ба сӯяш,
Чашмонатро мебарад.
(Офтоб)

Бе дасту мева меканад
Аз шохаи баланд,
Бе пову чуст мепарад
Аз ҷӯю обканд.
(Шамол)

Печида меравад дур
Аз чашм риштаи зард,
На канда метавонӣ,
На ғунҷа метавон кард.
(Пайраҳа)

Кӯҳи сафеди парниён,
Пар мезанад дар осмон.
(Абри сафед)

Умрест дар паси дар
Саргарми хонабонӣ,
Бе рухсаташ ба хона
По ҳеҷ гаҳ намонӣ.
(Қуфл)

Ҳар чор ба як ранганд,
Ҳамроҳ сафар доранд,
Ҳар чор фақат як чатр
Дар тораки сар доранд.
(Миз)

Байни ду тан дугона –
Девори пасти хона,
Аз ҳам ҷудо-ҷудоянд,
Ҳаргиз ба ҳам наоянд.
(Чашмҳо)

# ҚИССАВУ ДОСТОНҲО

## БОВАР ВА КАЛАНД

Марде буду сода буд,
Сода буду лода буд.
Пиндори абас мекард,
Бовар ба ҳар кас мекард.
Ҳарфи байни ду лаб гашт,
«Бовар» ба ӯ лақаб гашт.
Гӯшам деҳ, аз кори ӯ
Қисса пардозам ба ту:

Бовар дорад каланде,
Як моли дилписанде.
Хуб асту гиро бисёр,
Зеби дасту боби кор.
Овозаи каландаш,
Овозаи баландаш,
Рафта ба наздику дур,
Боварро карда машҳур.

Аз ин роҳу аз он роҳ,
Ҳоҷатманди ёрихоҳ,
Ояд манзили Бовар,
Бинвозад дили Бовар.
В-аз баҳри муддате чанд
Аз Бовар барад каланд.

Бовар, ки бовар дорад,
Фикре андар сар дорад.
Оне барад каландаш,

Боз оварад каландаш.
Бидҳад касе варо фанд,
Ба сад бало шавад банд.

Андар он деҳи зебо,
Биҳишти рӯйи дунё,
Як марди нуктадон буд,
Номи некаш Замон буд.
Хоҳанда буд, чун додар
Ёрӣ кунад ба Бовар,
Аз содагӣ раҳонад,
Ҳушаш дар ҷо бимонад.
Аз содагияш одам
Чизе набинад ҷуз ғам.
Дарсаш то диҳад дуруст,
Вақти мувофиқ меҷуст.

Гармо рахти сафар баст,
Сармо маҳкам камар баст.
Бол абри сияҳ кушод,
Пайғом аз тирамаҳ дод.
Ҳангоме созандакор,
Дар зад Замони бедор.
Пурсид аз Бовар каланд,
Як бегаҳ мекунад банд.
Андак замин гардонад,
Дон бар замин афшонад.
Бурд аз Бовар каландаш,
Бурду ба ғам афкандаш.

Мавсими кишту кор аст,
Кори Бовар бисёр аст,
Фасли сармо – пушти дар,

Як лаб замини Бовар
Мунтазир бар каланд аст,
Аммо каландаш банд аст.

Бовар назди Замон рафт,
Афзорашро ҷӯён рафт.
Чашме бар раҳ Замон дошт:
Дон андар ҳота мекошт.
Бо рӯе хуш, диле сард,
Шурӯъ дарси худро кард:
– Додар, – гуфто, – бубахшо,
Ман коре кардам ноҷо.
Бобои Фирӯз омад,
Аз Гулгун дирӯз омад.
Дасти ҳиммат кушодам,
Бар ӯ каландат додам.
Бовар ба ӯ бовар кард,
Сӯйи Гулгун сафар кард.

Гулгун марзе дилрабост,
Хушоб асту хушҳавост.

Бовар ба Гулгун омад,
Пеши Бобо чун омад,
(Бобо дарвоза мекард,
Чӯберо тоза мекард),
Чун лаб кушод аз каланд,
Воқиф Бобо шуд аз фанд.
Ҷайби ҳазли худро кофт,
Осон аз пеши худ бофт:
– Нороҳат гаштӣ, Бовар.
Як соат шуд, ки, додар,
Ёри туву ман – Ҳақдод,

Бибурд онро Ҳуснобод.
Бовар ба ӯ бовар кард,
Роҳи худро дигар кард.

Бовар бо чеҳраи шод
Рӯйи раҳ по барниҳод.
Андар боли бод омад,
Рост Ҳуснобод омад.
Рӯз буд андаке сард,
Ҳақдод андова мекард.
Аз гил мешуд каҷӣ рост,
Бовар каландашро хост.
Лабханда кард Ҳақдод,
Мӯйи лабро тобе дод,
Гапро дигар сӯ бибурд:
– Сангин Сари Ҷӯ бибурд!…
Бовар он сӯ рӯ овард,
Рӯ бар Сари Ҷӯ овард.

Шеб омад, фароз омад,
Як роҳи дароз омад.
Ҷар омаду ҷӯ омад,
Пешин Сари Ҷӯ омад.
Сангин хирман мекӯбид,
Гирди хирман мерӯбид.
Бовар чун рӯ ба рӯ шуд,
Пурсон каланд аз ӯ шуд.
Содагияш бас форид,
Сангин пушти сар хорид.
Гуфто: – Каланд ин ҷо буд,
Зери каҳхома ҷо буд.
Аҳмад омад аз Даштӣ,
Дучор оё нагаштӣ?
Серӯза бурд Даштӣ,

Аз Даштӣ ту гузаштӣ.
Боре гарон рӯйи кифт,
Бовар он сӯ раҳ гирифт.

Аз Даштӣ бар Ноёба,
Аз Ноёба Дуоба,
Аз Дуоба Кошона,
Аз Кошона то хона,
Кӯҳу кӯталро пай кард,
Роҳи зиёде тай кард.
Бовар ҳар қадар ҷон канд,
Пайдо наомад каланд.

Бовар, ночору шалпар,
Омад назди оҳангар.
Илоҷе не, фармояд
Бар ӯ каладе бояд.
Оҳангари хушзабон
Гуфто: – Гаштӣ саргардон.
Дод андаке газандат,
Андар дукон каландат.
Андак лабаш паридаст,
Осеб андак расидаст.
Чинам фардо дамашро,
Рост кунам хамашро,
Беҳтар аз аввал шавад,
Коре агар ҳал шавад:
Муште хоки хоросанг,
Зуғол аз чӯби заранг,
Гард аз шохи бузғола,
Кафшере чиҳилсола,
Санге сафеди обӣ,
То фардо чошт ёбӣ.

Бовар ғарқи гумон шуд,
Мушкил омад, осон шуд:
«Зуғол аз чӯби заранг,
Муште хоки хоросанг,
Гард аз шохи бузғола,
Кафшере чиҳилсола –
Фардо муҳайё кунад?
Чӣ коре ҳоло кунад?
Ҳоло бояд бикобад,
Санге обӣ биёбад».
Оби дарё хунук буд,
Ҷо-ҷо яхе тунук буд.
Поафзор аз по андохт,
Худро ба дарё андохт.

Ғӯта хӯрду пинҳон гашт,
Моҳӣ шуд, ноаён гашт.
Обе симоби бетоб,
Чобук баромад аз об –
Санге дар каф хушнамуд,
Оҳангар гуфто: – Кабуд!
Санге сафеди обӣ,
Ҷаҳд бикун, ки ёбӣ.

Бар об аз нав даромад,
Бо санги нав баромад.
Усто гуфто: – Гулобӣ!
Саъйе куниву кобӣ,
Санге сафеди обӣ,
Ҷони ширин, биёбӣ.
Бори саввум даромад,
Санге дар каф баромад.
Усто гуфто: – Санге зард,

Дармон нагардад ба дард.
Санге сафеди обӣ
Танҳо бояд биёбӣ.
Бовар забон мехоид,
Дандон ба ҳам месоид.
Ранги рӯяш сафед аст,
Ларзон чун барги бед аст.
Дар гӯши Бовар чун бод
Пайваста ово медод:
«Санге сафеди обӣ,
Бовар, бояд биёбӣ!»
«Бояд як раҳ кобам!» – гуфт,
«Шояд ин раҳ ёбам?!» – гуфт.
Рӯйи раҳ по барниҳод,
Лағзиду аз по афтод.

Бовар чашми худ во кард,
Нуре дар дида ҷо кард.
Панҷара рӯ ба рӯ дид,
Пизишке дар паҳлӯ дид.
Сӯзе дар ҷон аз таб дошт,
Ҳарфе зери ду лаб дошт:
«Нек омаду бад гузашт,
Гӯлият аз ҳад гузашт.
Ай сода, сода, сода!
Ай лода, лода, лода!»

Боди сарсар вазон буд,
Бозигар бо хазон буд.
Сар мешуд қиссаи шом…
Қиссаи мо шуд тамом.

## ДАР МАВСИМИ ТОБИСТОН

I

– Мӯрча, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ?
Чизе бо худ меорӣ?

– Аз пая як-ду дона
Дона барам ба хона.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

II

Оруяк, эй оруяк,
Хушболу хубрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ?
Куҷо ту сафар дорӣ?

– Равам ҷониби саҳро,
Оварам шаҳди гулро.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

III

– Санҷобак, эй санҷобак,
Санҷобаки бехобак,
Ин қадар мешитобӣ?
Аз саҳар чӣ мекобӣ?

– Аз шоха як-ду дона
Мағз барам ба хона.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

IV

– Калламуш, эй калламуш,
Калламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ?
Аз замин чӣ меёбӣ?

– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

V

– Харгӯшак, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,
Ту ҳам машғули корӣ?
Ҳамроҳи худ чӣ дорӣ?

– Сабзӣ дораму карам,
Ба манзилам мебарам.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

## VI

– Булбулак, эй булбулак,
Ошиқи рӯйи гулак,
Чаро ту бекарорӣ?
Даме роҳат надорӣ?

– Аз барои мӯрча,
Мӯрчаи зӯрча,
Аз барои оруяк,
Хушболу хубрӯяк,
Аз барои санҷобак,
Санҷобаки бехобак,
Аз барои калламуш,
Калламушаки баҳуш,
Аз барои харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак –
Лаб бар сано кушоям,
Таронаҳо сароям,
Ки мавсими тобистон
Хӯрад ғами зимистон.

## СЕ ЁРАКИ БЕХОБАК

Аз дидаҳо дар канор,
Дар як гӯшаи анбор,
Ки рӯшаниро раҳ нест,
Ҷувори яке мезист.
Ҷуворияк армон дошт,
Ҷуворияк паймон дошт:
Чеҳра афрӯзад баҳор,
Аз ин кунҷи тангу тор,
Раҳ сӯйи саҳро гирад,
Ҷо дар он паҳно гирад.
Бар сар хоки тар кашад,
Аз хоки тар сар кашад.
Мавсими тобистон буд,
Вақти каҳ буду дон буд.
Ризқу рӯзиро деҳқон
Ғун меовард аз майдон.
Марди соҳиби анбор
Монда омад чун аз кор,
Ёд овард аз ҷуворӣ,
Мисли як тан хуморӣ.
Ҷувории бирён хост,
Сӯйи анбор омад рост.
Ҷувориро аз ҷувол
Дар косае моломол
Берун бо ёрон овард,
Назди оташдон овард.
Кадбону таку дав кард,
Дар оташдон алав кард.
Ҷуворӣ бар дег андохт,
Муште мола рег андохт.

Омеза бирён шавад,
Табъи дилу ҷон шавад.
Ҷуворӣ нороҳат шуд,
Ҷуворӣ бетоқат шуд:
Беғам агар нишинад,
Илоҷашро набинад,
Беҳуда дар мегирад,
Месӯзаду мемирад.
Ин сӯ заду он сӯ зад,
Аз паҳлу ба паҳлу зад.
Пешу пасро хилват дид,
Тиросо аз ҷо парид.
Хокеро бар сар гирифт,
Худро пушти дар гирифт.
Алобак рӯ ба раҳ дошт,
Рустӣ-рустӣ нигаҳ дошт.
Раҳ гирифт аз қафояш,
Рафт аз дар по ба пояш,
Бедуду бечарсу чурс,
Алобаки бехи бурс,
Гуфто: – Куҷо раҳ дорӣ,
Ҷуворӣ, эй Ҷӯворӣ?
– Сӯйи саҳрои шодоб, –
Ҷуворӣ додаш ҷавоб.
Гулӯлаи раҳшинос
Бо нармӣ кард илтимос:
– Ҳамроҳи худ маро бар,
Ҳамбар шаваму ҳампар.
Ҷуворияк ризо дод,
Пеш Алобак ҷо дод.
Раҳ рафтанду раҳ рафтанд,
Раҳ то шабонгаҳ рафтанд,
Ду тан ёри бехобак –
Ҷуворию Алобак.

Яке пеш омад Хасак,
Берӯзии бекасак.
Бо адаб саломе гуфт,
Бо адаб каломе гуфт:
– Ду тан ёри раҳгиро,
Роҳи шумо то куҷо?
– Сӯйи саҳрои шодоб, –
Нидо омад дар ҷавоб.
Зора карду илтиҷо,
Ҳамраҳ бошаду ҳампо.
Дар соати неку бад
Як ёригар мешавад.
Ҳарфе дилнавоз омад,
Хуб омаду соз омад.
Сӯйи ҳам бар кушоданд,
Қавле аз ёрӣ доданд:
То зиндаанд аз ин дам,
Рӯзи шодиясту ғам,
Раҳ пойи ба по раванд,
Пуштибони ҳам шаванд.
Ду тан беҳ асту беҳтар
Се тан бошӣ дар сафар.
Шодон ду тан бехобак –
Ҷуворию Алобак,
Ҳине ҳаял накарданд,
Раҳ бо Хасак сипарданд.[1]
Раҳ рафтанду раҳ рафтанд,
Раҳ то саҳаргаҳ рафтанд.
Тал пеш омад, гузаштанд,
Пал пеш омад, гузаштанд,
Уреб омад, гузаштанд,
Нишеб омад, гузаштанд.

---

[1] Сипардан – тай кардан.

Се тан аз раҳ нагаштанд,
Се тан ҳамраҳ гузаштанд.
Пушта омад, роғ омад,
Пушти пушта боғ омад.
Аз пушти боғ омад ҷӯ,
Обе омад то зону.
Аз оби ҷӯ сӯйи дашт
Чӣ сон бибояд гузашт?
Лаб Хасак бар гап кушод,
Алобак маслиҳат дод.
Як сухан гуфто ду тан,
Хуш омад ин як сухан:
Хобад Хасак, пул шавад,
Коре бас маъқул шавад.
Сад мушкил осон шавад,
Олам гулистон шавад.
Рӯйи мавҷи оби ҷӯ
Зуд омад Хасак фурӯ.
По монду ҷониби дашт
Чобук Ҷуворӣ гузашт.
Навбат ба Алобак шуд,
Алобак бетобак шуд.
Аз рӯйи домани дашт
Боде ногаҳ вазон гашт.
Ҷони Хасак омад танг,
Алобак шуд саргаранг.
Дасти пурваққати бод
Пуфе карду даме дод.
Ранги рӯйи Хасак канд,
Фарёде бизад баланд,
Чун поракаҳ дар гирифт,
Дар аз по то сар гирифт,
Шӯълавар шуд, фурӯ рехт,
Мобайни оби ҷӯ рехт,

Мавҷи софи оби сард
Пинҳон аз дидаҳо кард.
Ҷуворӣ бо чашми чор
Тани танҳо монду зор,
Аз ёрони раҳгиро
Берӯзияк шуд ҷудо.
Хуниндилу ғамандӯз,
Ҷуворини сияҳрӯз,
Дар ҳасрати Алобак,
Он хушдили бехобак,
Дар ёди рӯйи Хасак,
Он бекаси наврасак,
Оби ду дида ҷӯ кард,
Мӯ зарду зард рӯ кард.
Хок аз гиряаш нам шуд,
Бо Ҷуворӣ дар ғам шуд.
Шоме байни лойи тафт
Бечораяк фурӯ рафт.
Аз домани хушки дашт
Тафси тобистон гузашт.
Назми тирамоҳ гузашт,
Базми тирамоҳ гузашт.
Барканд аз дашту ёбон
Чодар шоми зимистон.
Боз омад чамон-чамон
Субҳи рӯзи баҳорон.
Пургул рӯйи ҷаҳон шуд,
Кӯҳу саҳро ҷавон шуд.
Аз оғӯши рахти гул,
Рахти садбаргу сунбул,
Сар донаи тар кашид,
Ҷуворияк сар кашид.
Аз зери домани хок,
Он сон ки сар кашад ток,

Буғум-буғум боло шуд,
Буғум-буғум зебо шуд.
Қадрас шуду дон бубаст,
Доне чу марҷон бубаст.
Донро вақте расонид,
Донро вақте пазонид,
Андак худро афшонид,
Дон бар замин резонид.
Дасти боди ҳарҷогард
Паҳну парешонаш кард…
Хеле сол аз он замон,
Ҷонам, омад ба поён.
Он марзи пушти ҷӯбор
Даште шуд ҷуворизор.
Ҷое шуд биҳиштосо,
Кам бошад инчунин ҷо.
Ҷое, ки шавқи дидан
Ҳам ту парварӣ, ҳам ман.
Чашми кас барад ҳузур,
Пӯшад пираҳан аз нур.
Майл агар дорӣ, биё,
Бо худ бубарам он ҷо.
Фурсате фориғ нишин
Болои сангу бубин,
Ҳар он чӣ ҳисса кардам,
Пеши ту қисса кардам.

*1983-2001*

## ЧӮҶА ПАЙИ ДОНА РАФТ

1.

Чӯҷа паси хона рафт,
Чӯҷа пайи дона рафт.

Аз раҳ гузашт чӯҷа,
Аз раҳ нагашт чӯҷа.

Девори боғ омад роғ,
Бигзашт аз девори боғ.

Ҷӯ омад аз рӯ ба рӯ,
Раҳ омад аз пушти ҷӯ.

Чӯҷа ба он сӯ гузашт,
Бар он сӯйи ҷӯ гузашт.

2.

Чӯҷа, ки якмоҳа буд,
Худсару якроҳа буд.

Гуфто: – Дигар калонам,
Дон чида метавонам.

Бояд барои дона
Танҳо равам аз хона.

Танҳо рафту ғам нахӯрд,
Чашми чӯҷа хам нахӯрд.

Тозон ба раҳ даромад,
Тори пушта баромад.

3.

Тори пушта хирманҷост,
Пур аз мушта хирманҷост.

Хирманҷою дона дид,
Каҳ тит карду дона чид.

Вақте сер аз дона шуд,
Дур аз ёдаш хона шуд.

По бизад, хамёза кард,
Нӯли худро тоза кард.

Болу парро ҳаво дод,
Бол афшонду садо дод.

Зери пояш нарм омад,
Рӯз андаке гарм омад.

Қадди худ боло гирифт,
Рӯйи ғарам ҷо гирифт.

Бар пешу пас назар кард,
Бо як ҳавас назар кард.

Подара диду дара,
Бора диду шаршара.

Майдони бисёре дид,
Ҷаву гандумзоре дид.

Деҳаро зери по дид,
Худро аз деҳ боло дид.

Шодон таронаҳо хонд,
Чӯҷа надониста монд:

Рӯзи тафти тобистон
Пушти пушта шуд пинҳон.

Соя то ёна омад,
Бар ёдаш хона омад.

Модар ба ёдаш омад,
Додар ба ёдаш омад.

Пойин чӯҷа фуромад,
Чӯҷа ба раҳ даромад.

Бар-бари хирманҷо рафт,
Сӯйи хона қафо рафт.

Чӯҷа чув-чув садо кард,
Роҳи худро хато кард.

Роҳе – саросар алаф,
Рӯ монда бар ҳар тараф.

Бо кадоме рӯзона
Ин сӯ омад аз хона?

Роҳи рафтан, ки гум шуд,
Каллааш мисли хум шуд.

Раҳ гум карду гирён шуд,
Оби чашмаш резон шуд.

4.

Модар рӯйи ҳавлӣ рӯфт,
Хӯшаи гандумро кӯфт.

Зери долон хон кушод,
Дон болои хон ниҳод.

Баъд аз он чӯҷаро кофт,
Кобиду ӯро наёфт.

Дилгиру парешон шуд,
Аз Алопар пурсон шуд.

Аз Мошон гашт пурсон,
Шом омаду шуд сарсон.

Рӯйи дар «ку-ку-ку» гуфт,
«Бачаам, канӣ ту?» – гуфт.

Ҷуз шав-шуви мавҷи об
Сӯяш наёмад ҷавоб.

Чашми модар нам гирифт,
Қалби модар ғам гирифт.

5.

Чӯҷа пайроҳа мекофт,
Пайроҳаро намеёфт.

Пояш дар лаби ҷар буд,
Аз олам бехабар буд.

Фарёд омад: – Панаҳ шав,
Зери хомаи каҳ шав!



Чӯҷа сар зери каҳ бурд,
Аз чашми бад панаҳ бурд.

Чӯҷабарак пар мезад,
Пар рӯ-рӯйи ҷар мезад.

Ризқи худро ҷӯё буд,
Чашми тезаш беҷо буд.

6.

Калхоти бадрӯйи пир,
Рӯйи ҷар, рӯйи адир,

Рӯйи боғу майдон гашт…
Аз чашм чун ниҳон гашт,

Аз зери хомаи каҳ
Чӯҷа баромад ба раҳ.

7.

Пайраҳа борик омад,
Рӯйи раҳ торик омад.

Роҳи чӯҷа танг омад,
Пеши пояш санг омад.

Ҳуми ҳуми бум омад,
Овози маълум омад.

Тарсон-тарсон нигаҳ кард,
Чашми худро панаҳ кард.

Рӯйи санге, зери бед,
Ду барқи нигоҳе дид.

Ларзон шуд чун барги бед,
Канд аз ҷони худ умед.

Поён паропар омад,
Резонида пар омад.

Пеш омад ҷар, раҳо хӯрд,
Санге бар пеши по хӯрд.

Минқораш дид озор
Аз неши буттаву хор.

Печон дам андар гулӯ
Омад лаби оби ҷӯ.

Тап-тап дили ӯ мезад,
Лаб обаки ҷӯ мезад.

Хост чӯҷа хӯрад обе,
Об буд андар шитобе.

Сарро хам сӯйи ҷӯ кард,
Ғуке рӯ сӯйи ӯ кард.

Аз бими ҷон қафо рафт,
Ҷонаш аз ҳар ду по рафт.

Оби рӯ жола мекард,
Оби ҷӯ нола мекард.

8.

Модар сӯйи ба сӯ рафт,
Модар кӯйи ба кӯ рафт.

«Калхоташ бурда бошад?
Рӯбоҳаш хӯрда бошад?»...

Дилбанди худро мекофт
Модар, аммо намеёфт.

Модар ошуфтатар шуд,
Додар ошуфтатар шуд.

Чобук раҳгиро шуданд,
Чӯҷаро ҷӯё шуданд.

Аз хона берун рафтанд,
Маъюсу маҳзун рафтанд.

Мошон по зад баробар,
Раҳнамо шуд Алопар.

9.

Чӯҷаяк тарсон-тарсон,
Тарсон-тарсону ларзон,

Боз ба раҳ равон гашт,
Обе дар ҷӯ давон гашт.

Гап мезад давон-давон,
Гап мезад равон-равон.

З-ин пас гар нашносад ҷо,
Беҳуда нагзорад по.

Берун наояд аз дар
Бе модару бе додар.

10.

Чӯҷа назди боғ омад,
Қар-қаре аз зоғ омад.

Ғиш-ғиши акка омад,
Фух-фухи такка омад,

«Ку-ку-ку-ку-ку!» – омад, –
«Бачам, кани ту?» – омад.

Мошон мияв-мияв кард,
Алопар ав-ав-ав кард.

Пеши рӯ чӯҷа дар дид,
Модар диду додар дид,

Чун шаҳсутун дар ду бар
Мошон диду Алопар.

Болафшон дар ҳаво шуд,
Дар ҳалқаашон ҷо шуд.

Модар шодон пар афшонд,
Додар шодон пар афшонд,

Шодон чашмак Мошон зад,
Дум Алопар шодон зад.

## ГАҲВОРАҶУНБОН

Дар кӯҳ не,
Дар дашт не,
Дар пуштаву хамгашт не,
Дар боғ,
Дар паҳлӯи рӯд,
Дар шохи сабзи шоҳтут,
Гунҷишкаки зебояке,
Зебояки донояке,
Як лонаи дилҷӯй дошт,
Шаш баччаи хушрӯй дошт.
Ҳар субҳдам чир-чиркунон,
Бо селаи гунҷишкакон,
Мерафт он зебоякак,
Зебояки доноякак.
Аз ин тараф,
Аз он тараф,
Дар нӯлакаш дону алаф,
Бар лона меовард ӯ,
Хуш зиндагӣ мекард ӯ.
Дар он замон,
Дар он макон,
Дар бехи як беди калон,
Як мор буд,
Бекор буд,
Бисёр ҳам айёр буд.
Мекард рӯзу шаб суроғ
Он лонаро дар саҳни боғ.
Мегашту мегуфт ин сухан:
– Оҳ-ҳой, ширинкор ман!
Овардаам бозичаҳо:
Нилобию сурху ало,

Пистоқию зарду сафед,
Баҳри тамошояш давед!...
Дар макр чун рӯбоҳ буд,
Аз макри ӯ огоҳ буд,
Гунҷишкаки зебоякак,
Зебояки доноякак,
Ҳар гаҳ равад бар обу дон,
Бо селаи гунҷишкакон,
Бӯсида фарзандони худ,
Ҳар бор таъйин менамуд:
– Сехоҳари барнои ман,
Седодари донои ман,
Дарвозаро маҳкам кунед,
Ғавғои худро кам кунед,
То нашнавад мори сиёҳ,
Ин сӯ нагирад боз роҳ.
Рӯзе чу он доноякак,
Донояки зебоякак
Аз лонааш парвоз кард,
Аз гӯша мор овоз кард:
– Оҳ-ҳой, ширинкор ман!
Як марди беозор ман,
Овардаам бозичаҳо:
Нилобию сурху ало,
Пистоқию зарду сафед,
Баҳри тамошояш давед!
Се хоҳари озодамӯ,
Се додари озодарӯ,
Баръакси гуфти очашон,
Бар каф гирифта зочашон,
Бинанд то он мард кист,
Дар халтаи он мард чист,
Фир-фиркунон,
Чир-чиркунон,

Берун шуданд аз лонашон.
Дарвозаро чун боз дид,
Шаш чӯҷаро дартоз дид,
Аз омаду хубии кор
Бисёр шодӣ кард Мор,
Хандид сӯяш нек бахт.
Печид бар пойи дарахт,
То сайди гунҷишкон кунад,
Як-як таги дандон кунад,
Нӯше барои ҷон кунад,
Пас лонаро вайрон кунад.
Доду фиғон гунҷишкакон
Бардоштанд аз бими ҷон.
Бар саъваҳо,
Бар ғозҳо,
Бар шоҳину шаҳбозҳо,
Бар лаклаку бар турнаҳо,
Бар зоғаки гарданало,
Бар аккаю бедонаяк,
Бар ҳудҳуди бехонаяк,
Бар ҷайраву бар сангпушт,
Бар хорпушти гапдурушт,
Бар оруи вингосакак,
Бар пашшаи ғингосакак,
Бар мӯрча,
Бар анкабӯт,
Бар шӯрнӯли шохи тут,
Бар чирчирак
Бар шаҳпарак,
Бар достак,
Бар кафтарак,
Гуфтанд, ки:
– Ёрӣ деҳед!
Дасти мададгорӣ диҳед!

Кар кард гӯшашро ҳама,
Гардид нопайдо ҳама,
Тарсиду андак суст шуд,
Дарро бубасту руст шуд,
Бар чӯҷаҳо ёрӣ надод,
Дасти мададгорӣ надод.
Ҳамсояи гунҷишкакон,
Гаҳворачунбонпаҳлавон,
Дар зери барги шоҳтут,
Осудаяк дар хоб буд.
Фарёди гунҷишкон шунид,
Бедор шуд,
Як қад парид.
Чун дид афти Морро,
Мори даҳон чун ғорро,
Худро каме боло гирифт,
Дар пушти барге ҷо гирифт,
Аз ҷойи бобу ноаён
Гирад ба хубӣ то нишон.
Гурсасзанон,
Ҳарсасзанон,
Фаххасзанон,
Фашшасзанон,
Як газ баровварда забон,
Резонда обе аз даҳон,
Мори сияҳ мерафт пеш,
Хурсанд буд аз қасди хеш.

Кӯтоҳтар мегашт роҳ,
То ошёни бепаноҳ.
Дар дил суруре дошт ӯ,
Кибру ғуруре дошт ӯ.
Бас душмани ҷонро надид,
Ғаҳворанҷунбонро надид,



Бебок омад сӯйи ӯ,
Аз гӯша не,
Аз рӯ ба рӯ.
Гаҳвораҷунбони далер,
Бархест аз ҷо мисли шер.
Аз ҳайбаташ ваҳме накард,
Як зарра ҳам раҳме накард.
Муште ба чашми мор зад,
Сад бор не, як бор зад.
Бо печутоб аз шохсор
Бар рӯйи хок афтод Мор...
Алвон ба хунаш гашт хок,
Гулбоғ гашт аз хасм пок.

Аз кӯҳ не,
Аз дашт не,
Аз пуштаву хамгашт не,
Аз боғ,
Аз паҳлӯи рӯд,
Аз шохи сабзи шоҳтут,
Ин қисса он гаҳ паҳн гашт
Бар сокинони кӯҳу дашт.

## ПОСИ МОДАР

Мурғак суроғи дона рафт,
Гулчӯҷаро дар лона монд,
Дар лона назди чӯҷааш
Оби зулолу дона монд.

Гуфто: – Дилу ҷони манӣ,
Беҳуда бар ҳар сӯ мадав,
Аз лона огаҳ бош хуб,
Бесар машав,
Берун марав.

Мурғак чу пар бикшоду рафт,
Гунҷишкакон гирд омаданд,
Белонаҳо пешу қафо
Атрофи дон гирд омаданд.

Чиданд аввал донаро,
Карданд баъд аз он сухан,
Ҷустанд айби чӯҷаро
Гунҷишкакони таъназан.

Гуфтанд: Хеле танбалӣ,
Дил бастаӣ бар хӯрду хоб,
Модар ба ҷоят донакоб,
Модар бароят донаёб.

Беҳ он ки бар саҳро равӣ,
Ҷӯйӣ барои худ ғизо,
Камтар азобу ғам диҳӣ
Ту модари бечораро.

Пар боз кун, бо мо биё,
Бар манзили наздику дур,
Он ҷо, к-аз ин ҷо беҳтар аст,
Аз дона пур, ҷойи сурур.

Гунҷишкакон мехостанд,
Гулчӯҷа чун аз лонааш
Берун равад, соҳиб шаванд
Бар дилкушо кошонааш.

Гулчӯҷаяк чизе нагуфт,
Ноҷо нашуд аз ҷойи худ,
Дар поси модар як қадам
Нагзошт беҷо пойи худ.

Мурғак расиду пар заданд
Гунҷишкакони ломакон…
Чизе гаронтар ҳеҷ нест
Аз поси модар дар ҷаҳон.

## МОҲИЧА ВА МУШАК

Моҳичае буд чун тило
Дар обгире пурбаҳо.
Он обгир аз шиша буд,
Моҳича дар андеша буд,
К-ин ҷо чӣ сон маъво гирифт?
Дар тангҷо чун ҷо гирифт?
Ҷуз оби сабзу барги тар
Чизе набинад чашми сар?
Мекард фикри рӯзи худ,
Аз рӯзи худ розӣ набуд.
Мушак варо диду бигуфт:
– Эй ёри ту толеи муфт,
Беҳуда маҳзунӣ чаро?
Дилгиру дилхунӣ чаро?
Бахте, ки дорӣ рӯ ба рӯ,
Н-ояд ба ҳар ҳамҷинси ту.
На фикр созӣ аз ато,
На аз ҷазо, на аз ғизо.
На мебарӣ бори хиҷил,
На бим меояд ба дил.
Шодон шино дар об кун,
Аз бахти хуш дарёб кун.
Моҳича омад бар забон:
– Эй ғофил аз дармондагон!
Медон, ки ин сон ҷойи зист
Лозим бароям ҳеҷ нест.
Даркор не ин об ҳам,
Ин шишаи пуртоб ҳам,
Ин сабзаи хушбарги тар,
В-ин рӯзгори бехатар!

Паҳно ҳамехоҳад дилам,
Дарё ҳамехоҳад дилам.
Вақте даруни шишам,
Сар дар кафи андешаам:
Чун шиша зиндони ман аст,
Гирандаи ҷони ман аст!
Озод ту, дилшод ту,
Боз аст роҳат чор сӯ.
Аз байни деворе баланд
Бересмонам пойбанд…
Моҳича зери барги тар
Пинҳон шуд аз мадди назар.
Мушак, ба ҳар он чӣ шунуфт,
Ҳарфи ҷавобие нагуфт.
Ҷунбонд дум,
Хам кард сар,
Бигрифт худро пушти дар.

Акнун худат, эй дӯстрӯ,
Бар ман ҳақи гапро бигӯ,
Вақти сухан гуфтан турост:
Ҳарфи кадомин ҳаст рост?

## РӮБОҲ ФИКРИ ХОНА КАРД

Бехонагӣ бар ҷон расид,
Чун корд ба сутхон расид.

Рӯбоҳ биншасту бадард
Андешае аз хона кард:

То чанд гардад дар ба дар? –
Шифте надорад тори сар!

То чанд бошад ломакон
Андар миёни ҷонварон?

Ин бор чун моҳи асад
Бар домани ҷангал расад,

Мебоядаш коре кунад,
Аз лой деворе кунад.

Бо хас бипӯшад рӯйи бом,
Пас дар нишонад, вассалом!

Дар асл мушкил кор нест,
Корест, к-он бисёр нест.

Бар он ки чусту қобил аст,
Коре басо табъи дил аст.

Рӯбоҳ биншасту ба дард
Андешаи кошона кард.

Лекин ба ёди сайру гашт
Фасли зимистон даргузашт.

Фасли диловези баҳор
Бигзашт бо шавқи шикор.

Вақте ки тобистон расид,
Гармо ба кӯҳистон расид,

Дилро ба ёде шод кард,
Аз хона Рӯбаҳ ёд кард.

Бигрифт аз дасти каланд,
Дар хокҷо хоке биканд.

Бар лой пас зад пойро,
Шӯрид хеле лойро.

Он гунае, к-ояд ба кор,
Дар кор бошад созвор.

Гар пухта ояд похса,
То дер пояд похса.

Рӯбоҳаки нокардакор,
Нокардакори бешазор,

Нозук гараш андом буд,
Фарбеҳаке буд, хом буд.

Коре чунин душвор дид,
Бар ҷон раво озор дид.

Пою сару даври миён
Бар сӯзиш омад ноаён.

Биншаст, дардаш барфузуд,
Бархест, дардаш кам нашуд.

Бар мағз-мағзи устухон
Раҳ ёфт дарди беамон.

Ҳар чиз буд, дар ҷо гузошт,
Кораш ба фардо вогузошт.

Фардо шуду коре накард
Аз зӯру аз озори дард.

Кораш ба пасфардо гузошт,
Бас тоби пасфардо надошт,

Вомонд бар моҳи дигар…
Шаб рафту боз омад саҳар…

Кам шуд дами гармо каме,
Кам рӯзи гармо шуд ҳаме.

Фикри бино кардан надошт,
Кораш ба фардо мегузошт.

Болои реге, рӯйи об,
Зери шарори офтоб,

Медод танро обутоб,
Мехӯрду хуш мекард хоб.

Аз он ки маъвое набуд,
Фикреву парвое набуд.

Бо рӯзи гарм аз кӯҳу дашт
Фасли бино кардан гузашт.

Боз омад айёми хазон,
Боди фурӯдин[1] шуд вазон.

Рӯбоҳи зард аз хоб хест,
Монанди як нотоб хест.

Дар ҷой биншасту бадард
Дуру дароз андеша кард.

Ҳай дер шуд, вақти гарон
Бигзашт арзон аз миён.

Осон чӣ сон кобад варо?
Муфт аз куҷо ёбад варо?

Рӯбоҳак андар бешазор
Рӯзу шабон дорад гузор.

Баски надорад хонае,
Бошишгаҳи вайронае,

Сарро ба сад дар мезанад,
Бар ҳар даре сар мезанад.

Сӯяш нигоҳи иштибоҳ
Дӯзанду надҳандаш паноҳ.

Сӯйи ба сӯ овора аст,
Кӯйи ба кӯ овора аст.

Бас танбалӣ аз тан наронд,
Аз танбалӣ бехона монд.

---

[1] Фурӯдин – зерин, поёнӣ. Боди фурӯдин – боди ғарбӣ, боди сард (Шарҳи мураттиб)

# БОҚӢ

## I

– Кӣ омаду кӣ омад?
– Акои Боқӣ омад.

– Кӣ омаду кӣ омад?
– Поччои Боқӣ омад.

– Кӣ омаду кӣ омад?
– Тағои Боқӣ омад.

– Кӣ омаду кӣ омад?
– Бобои Боқӣ омад.

Ба хонаи мо омад,
Пеши бачаҳо омад.

Дар қабза торон омад,
Дар киса талқон омад,

Дар дасташ чӯлинг[1] омад,
Дар мушташ ғӯлинг омад.

– Акои ҷон, марҳабо!
– Поччои ҷон, марҳабо!

– Тағои ҷон, марҳабо!
– Бобои ҷон, марҳабо!

---

[1] Чӯлинг – гиёҳест аз хонадони шибит, аммо бамаза, ҳам баргашро хӯранд ҳам бехашро. Дар водии Рашт шингила гӯянд. Гулаш зард ва хушбӯст. Дар ҷавзо хӯша мебандад. Барои зимистон ҳам хушконида мегиранд.

Боқӣ дар деҳаи мо –
Азизи пиру барно.

## II

Боқӣ ширинзабон аст,
Одами меҳрубон аст.

Аз ҳар дару дарвоза
Дарояд беиҷоза.

Лабонаш аз ханда пур,
Аз рӯяш меборад нур.

Номаш барӣ бар забон,
Як сухан бишнавӣ: «Ҷон!»

Бо ҳама кас баробар,
Ҳамаро ҷону ҷигар.

## III

Боқӣ марди калон нест,
Калону паҳлавон нест,

Агарчи хурду калон
Мегӯяндаш паҳлавон.

На борику на ғафс аст,
Боқӣ шикастанафс аст.

Гушнаву серии ӯ
Натобад дар чашми ту.

Сараш ҳамеша зер аст,
Чашмам ҳамеша сер аст.

**IV**

Дар ҳама кори деҳа
Ӯ – дастёри деҳа.

Вазза кашонад Боқӣ,
Ҳезум кафонад Боқӣ.

Заминро побел кунад,
Хонаро каҳгил кунад.

Боқӣ равад осиёб,
Боқӣ биёварад об…

Боқӣ – мадори деҳа,
Ҳоҷатбарори деҳа.

**V**

Тӯе ҳасту тамошо
Агар дар деҳаи мо,

Аз саҳар то дари шом
Боқӣ надорад ором.

Бар зада домону даст,
Гӯё, ки тӯйдор аст.

Гар азо дорад касе,
Ту Боқиро нашносӣ:

Миён аз рӯ бубаста,
Бо сари хам нишаста,

Оби чашмаш қатор аст,
Боқӣ ҳам азодор аст.

Ба деҳа меҳмон ояд,
Боқӣ чу мизбон ояд.

Дарояду барояд,
Дастархонро кушояд.

Чою асал биёрад,
Меваи тар гузорад.

Кулчаҳои нарм орад,
Таъомҳои гарм орад...

Боқӣ чун хонадор аст,
Кори Боқӣ бисёр аст.

**VI**

Дар деҳи кӯҳсори мо
Хабар кунӣ ҳамаро,

Дар ба дар кӣ мегардад?
Танҳо Боқӣ мегардад.

Ҳамаро кӣ медонад?
Танҳо Боқӣ медонад.

Кӯйи ба кӯ равон аст,
Боқӣ хабаррасон аст.

Дар обу оташ – Боқӣ,
Марди заҳматкаш – Боқӣ.

Коре куҷо шавад буд,
Ӯ назанад дасти худ?

Аммо ба чашми мардум
Боқӣ наяст маълум,

Гӯё ки намедонанд,
Таҳсинаш намехонанд.

**VII**

Об омаду об омад,
Чандин осиёб омад,

Аз ҷӯю толоб омад,
Ба Мирзочӯл об омад.

Муҳоҷири мӯл омад,
Боқӣ Мирзочӯл омад.

**VIII**

Тӯе шуду тамошо,
Дар деҳаи сабзи мо,

Гарчи тӯйи калон буд,
Калони ноаён буд.

Давра буду соқӣ буд,
Холӣ ҷойи Боқӣ буд.

Бе Боқӣ дар тӯю сур
Давра куҷо гирад нур?

**IX**

Дина дар чашми мардум
Қадри Боқӣ шуд маълум.

Боқиро, ки надиданд,
Ба қадри ӯ расиданд.

Бе Боқӣ тобад ҳолӣ
Деҳи пури мо холӣ.

## ҲАРҶОШИНУ ҲАРҶОГАРД

1.

Нима сурху нима зард,
Ҳарҷошину ҳарҷогард.

Кӯҳбарову саҳрогард,
Ҳавопару дарёгард.

На аз бӯрон метарсад,
На аз борон метарсад.

На ях гирад раҳашро,
На шах гирад раҳашро.

На барфаш монеъ шавад,
Ҳар ҷо хоҳӣ меравад.

Ана, мошинаи нав
Мана, мошинаи нав!

2.

Ҳарҷошини нимазард,
Нимасурхи ҳарҷогард,

Дар майдон интизор аст,
Ба имтиҳон тайёр аст.

Ба кӯҳу дашту дарё
Бояд бинам раҳашро.

3.

Беҳуда накобидам,
Мурваташро тобидам.

Осон садо баровард,
Ҳарҷошину ҳарҷогард.

Рӯлаш гирифтам ба даст,
Ба раҳ даромад ба шаст.

Бояд идора кунам,
Бояд назора кунам.

Чӣ сон меоварад тоб
Дар роҳҳои нобоб,

Ҳарҷошини нимазард,
Нимасурхи ҳарҷогард.

4.

Раҳ қад-қади об омад,
Қад-қади Варзоб омад.

Беҳтар аз ин ҷо ҷо нест,
Ҷо аз барои мо нест.

Ҳам роҳаки камодам,
Ҳам печ дораду хам,

Ҳам ағбае чун Анзоб,
Роҳаке санҷиданбоб.

Шамолаке вазон аст,
Мошин ба раҳ равон аст.

Гар додам, пар баровард,
Ҳарҷошину ҳарҷогард.

Аз ону аз ин гузашт,
Аз ҳама мошин гузашт.

Чашмак нозада, дидам
Ба Майхора расидам.

5.

Ҳавои тирамаҳ буд,
Носоз андаке раҳ буд.

Сӯйи ағба банохост
Бо бероҳа бишуд рост.

На тарма гуфту на ях,
На кӯтал гуфту на шах,

Ҳарҷошини нимазард,
Нимасурхи ҳарҷогард.

6.

Дар гарданаи Анзоб,
Он ҷо ки тарма буд хоб,

Пеш омад абри сияҳ,
Якбора тира шуд раҳ.

Мошинам аз раҳ намонд,
Чароғашро дар гиронд.

Равшан шуд бари ағба,
То худи сари ағба.

Ба ағба чун расидам,
Сари ағбаро дидам.

Аҷаб як ҷойи зебост,
Ҷаҳон дар поёни пост.

7.

Ағбаро тани танҳо
Хеле кардам тамошо.

Тӯшаи раҳ гирифтам,
Тарма ҳамраҳ гирифтам.

Ғайри тарма аз ин ҷо
Чӣ ҳам мебарӣ савғо?

8.

Қафо бояд баргардам,
Андак андеша кардам.

Хуб аст, агар дар ҳаво
Санҷам ҳарҷогардамро.

Мотораш чун дар гирифт,
Ларза ҷӯю ҷар гирифт.

Нимасурхи нимазард,
Якбора пар баровард.

Пуштаву ҷар зераш монд,
Кӯҳу камар зераш монд.

Обшорон пас монданд,
Арчазорон пас монданд,

Ӯлла – зеру мо – боло,
Чун мушаке раҳпаймо.

Чашмам сери тамошоист,
Дилам ғарқи таманност.

9.

Ба гӯшам овоз омад,
Боз омаду боз омад.

Бинам, аз сари бора
Чӯпоне дорад зора.

Дар монда дар бари ях
Бузғолае сари шах.

Каме рулро тобидам,
Ба ёрӣ шитобидам.

«Ташаккур» – гуфто чӯпон,
«Айрон хӯр!» – гуфт чӯпон.

«Як вақти дигар, – гуфтам, –
Меоям, додар, – гуфтам. –

Раҳ дарозу фурсат кам,
Ба Норак бояд расам.

Ҳарҷогарди ширинам
Шино кунад, бубинам…»

Ҳарҷошину ҳарҷогард
Рӯ чун ба Норак овард,

Огаҳ нагаштак аз роҳ,
Дидам чун гаштам огоҳ:

Зери мо – шаҳри Норак,
Дар мавҷ баҳри Норак.

Дур аз канораи шаҳр,
Нишастам дар лаби баҳр.

10.

Туқ шуд якеву тақ шуд,
Ҳарҷоравам заврақ шуд.

Равон шуд рӯ-рӯйи баҳр,
Давон шуд рӯ-рӯйи баҳр.

Гулмоҳӣ аз бари мо,
Дар бозӣ буду шино.

Мавҷ аз пайи мавҷ омад,
Мошинам ба авҷ омад.

Бинам, гардишгаҳ омад,
Роғун рӯйи раҳ омад.

Ҳарҷошини нимазард,
Нимасурхи ҳарҷогард,

Суст каме раҳаш сохт,
Дар соҳил лангар андохт.

11.

Лаби раҳ серодам буд,
Сарҳо ба сӯе хам буд,

Гуфтам, гапе ин ҷо ҳаст,
Коре шояд ба мо ҳаст.

Дидам, паси гули хор
ЗИЛ-и наве зери бор.

Ду чархаш фурӯ рафта,
То нимаш ба ҷӯ рафта.

Ба ҳарҷорав нишастам,
ЗИЛ-ро бар он бубастам.

Андаке имо кардам,
Аз лояш ҷудо кардам.

Пиру ҷавон гуфт аҳсан,
Бар ману мошини ман.

12.

Дилам пур-пури фараҳ,
Аз нав месипарам раҳ,

Дигар ҳаял нашояд,
Душанбе равам бояд.

Бояд, ки эълон диҳам,
Эълон ба ҷаҳон диҳам,

Ҳарҷогарде беҳамто
Дар олам гашта пайдо.

Аз ҳар хусус соз аст,
Кашфиёт аст, эъҷоз аст.

Хурдасту хеле боб аст…
…Хезам ҳама дар хоб аст.

## ЗОҒЧА

1.

Кунҷи ғарам ҷойи ӯст,
Дар лабаки боғча,
Кулча зада хуфтааст
Вақти саҳар Зоғча.

Дар сияҳӣ бурдааст
Пирсаг аз дуда ранг,
Зоғча не, дар назар
Тӯдае ангиштсанг.

Сип-сияҳ тахтапушт,
Сип-сияҳ чашмҳо,
Сип-сияҳ гӯшу дум,
Сип-сияҳ дасту по.

Ғунча задасту куҷо
Хоб бarад бемалол?
Зоғча сар мондааст
Бар кафи дасти хаёл...

...Аз саҳарӣ то ба шом
Чор тараф буд давон,
Баррача берун равад,
Аз ақибаш буд равон.

Аз пайи бузғолаҳо
Сӯйи ба сӯ раҳсипор,
Зоғчаро як нафас
Сабр набуду қарор.

Акка нишинад ба шох,
Дод занад аккаро,
Такка дарояд ба боғ,
Дӯғ занад таккаро.

Зоғчаро бесадо
Дошт чу аз рӯйи бом,
Дар ивази ин ҳунар
Зоғча бигрифт ном.

Хурд буду ҳеҷ гоҳ
Роҳ намекард гум,
Зоғчаро субҳгоҳ
Гӯш буриданду дум.

Хурд буду мешинохт,
Хеш кӣ, бегона кист,
Кист ба ин хона дӯст,
Душмани ин хона кист.

Пораи нони ҳалол
Хӯрда, қадраш бидон,
Хурд буду мерасид
Зоғча бар қадри нон.

Чашм ба дарвоза дошт,
Рӯзу шабон Зоғча,
Зери ҳамин бому дар
Гашт калон Зоғча…

2.

… Қар-қари зоғе расид
Аз сари шохи баланд,
Риштаи андешаро
Қар-қари беҷой канд.

Аз шафақи субҳи нав
Боғча гул бастааст,
Дар дили софи саҳар
Боғ чу гулдастааст.

Ак-аки сагбаччае
Мерасад аз рӯйи дар,
Пода чаро меравад
Боз ба вақти саҳар.

Зоғча ғун кард даст,
Зоғча ғун кард пой,
Ёди хуши баччагӣ
Боз шудаш раҳнамой...

...Пушти дари коҳдон,
Зери ҳамин бому дар,
Чашм ба олам кушод
Зоғча вақти саҳар.

Чашм кушоду ба сар
Гӯшае аз бом дид,
Рӯйи хаси зери бом
Модари ором дид.

Синаи модар макид,
Гӯш гапи об кард,
Бар бағали модараш
Монд сару хоб кард.

Шарфаи оби равон,
Шӯълаяки офтоб,
Боз варо алла хонд,
Бурд варо боз хоб.

Хест чу аз хоби хуш,
Дид, калонак шудаст,
Сип-сиёҳак шудаст,
Роҳравонак шудаст.

Дид, ки рӯ-рӯйи бом
Гурба қадам мезанад,
Мурғ лаби оби ҷӯй
Нӯл ба нам мезанад.

Чӯҷае бо пойи худ
Рафт сӯйи боғча,
Бо дили нобоваре
Монд қадам Зоғча.

Рафт лаби ҷӯйбор,
Рафт бари турми дар,
Тофт аҷаб дилнишин
Бому дару ҷӯю ҷар.

Дид, ки дунё васеъ
Берун аз ин боғча,
Омаду хобид боз
Бехабарак Зоғча…

3.

…Баҳс ба ҳам доштанд
Селаи гунҷишкакон,
Сагчаи шилқин ҳанӯз
Дошт сӯйи раҳ фиғон.

Сӯхт тани хастааш,
Сахт фузун гашт дард,
Печи танашро кушод –
Зоғча хамёза кард.

Рӯзи нахусти сафар
Сӯйи кӯҳ омад ба ёд,
Хотираи рӯзи нек
Баҳри дилашро кушод.

...Каҷмакаҷак роҳаке
Сӯйи чарогоҳ бурд,
Соҳиби даҳмардааш
Аз деҳа ҳамроҳ бурд.

Бурд сари моли деҳ,
Бурд бари кӯҳу тал,
Ҷойи наву шуғли нав
Гарм кушодаш бағал.

Кори гарон буду лек
Зоғча рӯ барнатофт,
Аз пайи даҳмарда рафт,
Як сари мӯ сар натофт.

Дӯст ки бовар кунад,
Бовараш аз каф мадеҳ,
Лозим агар ҷон шавад,
Рӯйи кафаш ҷон бинеҳ.

Зоғча чун аскаре
Амри варо гӯш кард,
Бо рама унсе гирифт,
Дид дами гарму сард.

Мол чаро гар равад,
Зоғча дар пеши мол,
Синаи худро диҳад
Боз ба роҳи шамол.

Мол чаро гар кунад,
Зоғча рӯйи алаф
Дил ба замин мениҳад,
Фӯк – ба рӯйи ду каф.

Рӯйи талу борае
Мол парешон шавад,
Зоғча гирд оварад,
Зоғча сарсон шавад.

Зоғча гӯш асту ҳуш,
Пашша парад, пай барад,
Зоғча аз як имо
Тир барин мепарад.

Соҳиби даҳмардааш
Гар набарорад садо,
Зоғча то чоштгоҳ
Ҳеҷ наҷунбад зи ҷо.

Чоштгаҳон раҳ кашад
Бар-бари тал сӯйи об,
Дар лаби оби равон
Сар бигузорад ба хоб…

Каҷмакаҷак роҳаке
Сӯйи чарогоҳ бурд,
Зоғчаро роҳи кӯҳ
Бурду ба мактаб супурд.

4.

…Пашшае аз зери чашм
Зоғчаро неш кард,

Зоғча ҷунбонд гӯш,
Пашшачаро пеш кард.

Сурати гулбанди корд
Чоки хами гӯш тофт,
Саҳнае аз рӯзгор
Дар назараш акс ёфт.

...Бо рама бори нахуст
По ба чаро монда буд,
Дар рамабонӣ ҳанӯз
Содаву нохонда буд.

Дӯсту душман зи ҳам
Хуб намекард фарқ,
Фикр намекард хуб,
Макр чиву чист зарқ.[1]

Мол бари ёна буд,
Мол – бари хорҷо,
Паҳну парешон шуда
Мол ба вақти чаро.

Зоғча наззора дошт
Бар рама аз рӯ ба рӯ,
Дид, саге медавад
Пеш хами марзи ҷӯ.

Ранг чу ранги замин,
Гӯш дароз асту чур,
Даври даҳан сип-сиёҳ,
Думб дароз асту бӯр.

[1] Зарқ – ҳила.



Зоғчаро рӯйи раҳ
Диду канор истод,
Байни ду по дум гирифт,
Чашм калонтар кушод.

Чашмаки бозигараш
Оташаке мефиканд,

Зоғчаро лаҳзае
Фикр ба худ кард банд:

Дар деҳа монанди ӯ
Ҳеҷ саге дида буд?...
Гӯшдарозак ба шаст
Сӯйи рама рост шуд.

Зоғча бо чор хез
Пеши раҳашро бубаст,
Чанг ба чанг омаданд
Зоғчаву гурги маст.

Он саҳари рӯҳбахш
Зоғчаро дод панд,
Хом буду пухта шуд
Дар сари кӯҳи баланд...

5.

...Канд садое маҳин
Банди хаёли варо,
Зоғча сар рост кард
Як ваҷаб аз рӯйи по.

Соҳиби овоз кист,
Лек надонист ҳеҷ,
Бехи ғарам гарм буд,
Хӯрд ба худ боз печ.

...Шомгаҳон мечарид
Мол паси фарқзор,
Чакраи обе чаконд
Абри сиёҳи баҳор.

Теғаи кӯҳу камар
Монд таги пойи абр,
Пайраҳаҳоро гирифт
Чодари абри ситабр.

Бар-бари зовияе
Зоғча раҳ мекашид,
Мешаки хобидае
Дар таги зовия дид.

Пойи равонаш намонд
Зоғча дигар ба пеш,
Бозпас аз роҳ гашт,
Рафт ба ёрии меш.

Мешаке модар шуда,
Барра бари меш дид,
Бомаке аз хорча
Тори сари меш дид.

Зоғча фарёд кард
Сӯйи ҷиболу камар,
Нӯлаи такрори ӯ
Ҳеҷ накардӣ асар.

Аз сари зови баланд
Мол гузар карда буд,
Абри сиёҳе чу дуд
Сурати дарпарда буд.

Зоғча рӯйи ду каф
Монд бари меш сар,
Сурати як посбон
Кард шаберо саҳар.

6.

...Оруяке ғинг-ғинг
Дод ба гӯшаш садо,
Зоғча нимроғ кард
Чашми тари хешро.

Нарм насими саҳар
Шона ба мӯяш бизад,
Шабнаме аз рӯи барг
Сард ба рӯяш бизад.

Захм магар тоза шуд,
Дасти чапаш дард кард,
Зоғчаро ҷони пир
Боз даромад ба дард.

Тоб ба дард оварид,
Зоғча ором буд,
Фикр варо баста буд,
Фикр чу як дом буд.

...Чор тараф – барфу ях
Тоқии кӯҳу камар,
Дока ба бар кардаанд
Зовияву ҷӯю ҷар.

Хору хас аз бори барф
Бурда сари худ фурӯ,
Хорсифат мехалад
Бод ба чашму ба рӯ.

Обаки шӯхи дара,
К-аз бари шах меравад,
Лаб ба хамӯшӣ зада,
Таг-таги ях меравад.

Чиллаи фасли дай аст,
Туф кунӣ, ях мешавад,
Даст барорӣ зи ҷайб,
Ростӣ, шах мешавад.

Чашм ба раҳ хуфтааст
Зоғча болои ях,
Такя зада бар асо
Марди шубон зери шах.

Мол бари ёлае
Тит шуда чор сӯ,
Мекунад аз зери барф
Рӯзии худ ҷустуҷӯ.

Бозикунон омаданд
Аз дара се гурги маст,
Бар рама худро заданд,
Чун раҳашон кас набаст.

Мол рамиду шубон
Воқиф аз аҳвол шуд,
Дод заду сарнишеб
Рост сӯйи мол шуд.

Гургаки хунмаст чун
Марди шубонро бидид,
Барра ба як сӯ гузошт,
Рӯ ба шубон оварид.

Аз чапу аз росташ,
Боз ду тан гашт ёр,
Зоғча гар н-омадӣ,
Чун шудӣ анҷоми кор?

Зоғчаро чун бидид
Марди шубон, ҷон гирифт,
Зоғча монанди бабр
Аз пайи гургон гирифт.

Гурги бахунташнаро
Дошт зи банди гулӯ,
Хайпари гурги дигар
Канда шуд аз чанги ӯ.

Зоғча огаҳ нашуд,
З-он ки чӣ сон рехт хун,
Чун ду тан аз по фитод,
Сеюмӣ бигрехт чун.

Зоғча ҷангид хуб,
Зарба заду ҷон фишонд,
Нимаи китфи чапаш
Дар даҳани гург монд.

Дӯст, чу сахтӣ расад,
Даст набидҳад ба дӯст,
Дӯст куҷо бошад ӯ?
Душмани дерина ӯст!

Соҳиби даҳмардааш
Мӯйи варо бӯса кард,
Чашми варо бӯса кард,
Рӯйи варо бӯса кард.

Дӯст буду дӯсттар
Дошт варо он саҳар,
Зоғча шуд ҷонхарид,
Зоғча шуд тоҷи сар.



Пӯсти гургони маст
Аз танашон шуд ҷудо,
Зоғча коре накард,
Хидмати худ кард адо.

7.

...Шохи баланди дарахт
Саллае аз нур баст,
Нур бари бому дар
Сурати чодар нишаст.

Боғча ҳусни наве
Аз нафаси субҳ ёфт,
Ғарқ ба амвоҷи гул
Боғча дар чашм тофт.

Зоғча бисёр хост,
Сер бубинад саҳар,
Кард таноби хаёл
Зоғча кӯтоҳтар.

…Калта дигар пир буд,
Пир дигар буд Кабуд,
Хотири даҳмардааш
Лек парешон набуд.

Зоғча буд дар бараш
Дӯсти хуштар зи ҷон,
Бовари даҳмарда буд
Зоғчаи безабон.

Бовар агар нест, чун
Дӯст шумурдан тавон?
Чун накунад бовараш,
Пеши дараш шуд калон?

Гармию сардии умр
Ҳар ду ба ҳам дидаанд,
Пасту баланди зиёд
Дидаву санҷидаанд.

Ташна агар будаанд,
Ҳарду баробар буданд,
Гушна агар будаанд,
Ҳар ду баробар буданд.

Суду зиёне ба деҳ
Ҳар ду гар овардаанд,
Ҳамчу рафиқи шафиқ
Ҳисса ба ҳам кардаанд.

Зоғчаро дӯст дошт
Аз дилу аз ҷон шубон,
Меҳр ба даҳмарда баст
Зоғчаи меҳрубон.

Дар дили худ заррае
Зоғча фанде надошт,
Рӯз намегуфту шаб
Ҷон ба хатар мегузошт.

Дар бадали некияш
Некӣ бубинад ҳанӯз.
…Зоғча бикшод чашм,
Боз шуда чашми рӯз.

Зоғча аз ҷой хест,
Шишт ба рӯйи ду по,
Аз дами дар даррасид
Боз ба гӯшаш садо.

Дид, ки даҳмардааш
Коса ба каф интизор,
То биниҳад пеши дӯст
Луқмаи оши наҳор.

Тоб ба ҷонаш расид,
Хест зи ҷо Зоғча,
Дум заду омад ба дар
Зоғча аз боғча.

# МУНДАРИҶА


Ба эътибори хонанда ........ 3
Аз они ту аз они ман ........ 6
Дӯстӣ ........ 7
Мушкил бувад? ........ 8
Хонаҳои деҳи мо ........ 10
Деҳи мо ҷойи кор аст ........ 11
Арча ........ 11
Чароғ ........ 12
Ману ҷӯраҳои ман ........ 13
Магар ман калон шудам? ........ 14
Варзиш мекунад Аҳрор ........ 15
Холаи Гавҳар ........ 17
Гули гулҳо ........ 18
Абри гузар ........ 19
Уштур ба роҳ равон шуд ........ 19
Ҷайра ........ 20
Алопари мо ........ 21
Чӯҷаҳо ........ 22
Чаро? ........ 22
Кӣ хастатар мешавад? ........ 23
Бори гарон ........ 24
Рӯбоҳ ва лаклак ........ 25
Аз сидқи дил ........ 26
Бе болу пар пар мезанам ........ 27
Ба гуфтан мушкил ........ 28
Ку, бигӯ? ........ 29
Вақти саҳар ........ 30
Хурсандӣ ........ 31
Тоҷик астам ........ 33
Холаи гулрез ........ 35
Обмон ........ 36

Ҳаст? Нест! ....................................37
Сабзи сабз ....................................38
Чиро чӣ зинат диҳад?..........................38
Чинор ..........................................39
Меғ ............................................41
Нотарс чӣ сон шавад ӯ?........................41
Баҳор кӯч баст..................................42
Ғелон баромад офтоб ..........................43
Бӯсаи офтоб ...................................43
Туро мо ёд кардем!..............................44
Боз омад тамуз .................................45
Зебӣ .............................................46
Мевачинӣ меравем ..............................47

## АЗ СӮҲБАТҲОИ СОМОН

Сӯҳбати Сомон бо мева ва кӯтал .....................50
Сӯҳбати Сомон бо офтоби тобон .....................50
Сӯҳбати Сомон бо кӯҳи саркаш .......................52
Сӯҳбати марди раҳгузар бо Сомон ...................53
Сӯҳбати Сомон бо чанбаршохи ало ..................53
Сӯҳбати Сомон бо оруи асал ..........................54
Куҷо шуд пинҳон тафси тобистон? .................55
Сабздеҳ.............................................56
Муттако ............................................57
Кӯрароҳ.............................................58
Кайҳони ман........................................59
Дарахтон ...........................................60
Шамол...............................................61
Тағобиёрак .........................................62
Уқоб ................................................62
Мусича .............................................63
Қу ...................................................63
Суре ба по шуд ....................................64
Хона – пури дона .................................65

Гумкардаро ёбад Асо? .................................... 66
Гулрӯ, пай бурд? .................................... 66
Гуноҳи кист? .................................... 67
Нақли кӯтоҳи қади дароз .................................... 68
Бовар бикун! (Чигилак) .................................... 69
Барои чӣ? .................................... 70
Биншастаам .................................... 71
Арча, ҷон арча .................................... 72
Ризқи фаровон .................................... 72
Зимистон дар кӯҳистон .................................... 72
Се дӯст .................................... 74
Кори муросо нашуд .................................... 75
Ашки моҳ .................................... 76
Бузғола бесарӣ кард .................................... 76
Офтоб, эй офтоб! .................................... 77
Остона .................................... 78
Яккабурс .................................... 79
Як дара пур аз садо .................................... 80
Дар зери кӯҳи калон .................................... 80
Рафтам назди бобоям .................................... 81
Деҳи мо .................................... 81
Модарам .................................... 82
Модарам аз кор омад .................................... 83
Маро танбал нагӯед .................................... 84
Таронаи гунҷишкак .................................... 85
Барои ту, барои ман .................................... 86
Абр омад .................................... 87
Қорч .................................... 88
Оби равон .................................... 88
Шоха .................................... 89
Калбуз .................................... 90
Гунҷишкакон .................................... 91
Мӯрча .................................... 92
Чӣ медиҳад донаи тар? .................................... 92

Муаллими мо ....................................93
Соқӣ ва Боқӣ....................................94
Сандалӣ....................................95
Аллаё, алла!....................................96
Ҷонакаш дар хатар монд ....................................97
Сабақи модар ....................................98
Ҷӯра....................................99
Мактаби мо ....................................100
Хони эҳсон ....................................101
Зимистон ....................................102
Ваъда....................................103
Шодӣ ё Ҳодӣ ....................................105

ЧИСТОНҲО ....................................106

## ҚИССАВУ ДОСТОНҲО

Бовар ва каланд ....................................112
Дар мавсими тобистон ....................................119
Се ёрак, бехобак....................................122
Чӯҷа пайи дона рафт....................................128
Гаҳворачунбон....................................137
Поси модар ....................................143
Моҳича ва мушак....................................145
Рӯбоҳ фикри хона кард ....................................147
Боқӣ ....................................151
Ҳарҷошину ҳарҷогард....................................157
Зоғча ....................................164

**Убайд Раҷаб**

**ОЛУЧА – ГУЛИ БОДОМ…**

*(Шеъру чистон ва қиссаву достон)*

Ороиши *Олга Шемелина*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 04.05.2012 супорида шуд.
Чопаш 08.05.2012 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 11,5. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ЧДММ «Бебок» ба табъ расидааст.

www.ravshanfikr.tj